# ИРШОДОТ ВА БАЁНИ СУРАҲОИ КӮТОҲЕ, КИ БАРОИ ҲАР МУСАЛМОН ДОНИСТАНАШОН ЗАРУРИСТ

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| | |
|---|---|
| **Унвон:** | **Иршодот ва баёни сураҳои кӯтоҳе, ки барои ҳар мусалмон донистанашон зарурист.** |
| **Мавзӯъ:** | Қуръон, тафсир, фавоиди сураҳои кӯтоҳ, номҳо ва сифатҳои Аллоҳ, |
| **Соли нашр:** | 1442 ҳ. қ. 2020 мелодӣ |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 90 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.**

**www.merosi-abuhanifa.com**

**Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com**

*Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем. Чуноне, ки Паёмбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:* ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад.”*** *(Бухорӣ, 3461)*

# Мундарича

Муқаддима ........ 3
Сураи Фотиҳа ........ 6
Тафовути номҳо аз сифатҳои Аллоҳ. ........ 14
Ояталкурсӣ ........ 15
Ду ояти охири сураи Бақара ........ 21
Сураи Зуҳо (рӯз) ........ 24
Сураи Шарҳ (кушодан) ........ 26
Сураи Тин (анҷир) ........ 28
Сураи Алақ (хуни басташуда) ........ 31
Сураи Қадр ........ 36
Сураи Баййинаҳ (далели ошкор) ........ 38
Сураи Зилзила ........ 41
Сураи Одиёт (аспҳои даванда) ........ 43
Сураи Қориъа (сахт кӯбанда) ........ 46
Сураи Такосур (зиёдталабӣ) ........ 48
Сураи Аср (замон) ........ 51
Сураи Ҳумаза (айбҷӯ) ........ 54
Сураи Фил ........ 58
Сураи Қурайш ........ 60
Сураи Моъун (нафъи андак) ........ 62
Сураи Кавсар ........ 65
Сураи Кофирун ........ 67
Сураи Наср (пирӯзӣ) ........ 70
Сураи Масад (ресмон) ........ 74
Сураи Ихлос ........ 76
Сураи Фалақ (субҳ) ........ 80
Сураи Нос (мардум) ........ 83
Хулоса ........ 87
Манбаъҳо ........ 90

# Муқаддима

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ

**ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ عَلَىٰ عَبْدِهِ ٱلْكِتَـٰبَ وَلَمْ يَجْعَل لَّهُۥ عِوَجَا ۜ ﴿١﴾ قَيِّمًا لِّيُنذِرَ بَأْسًا شَدِيدًا مِّن لَّدُنْهُ وَيُبَشِّرَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعْمَلُونَ ٱلصَّـٰلِحَـٰتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْرًا حَسَنًا ﴿٢﴾ مَّـٰكِثِينَ فِيهِ أَبَدًا ﴿٣﴾**

**Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон**

**"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳ таъолост, ки Қуръонро бар бандааш [Муҳаммад] нозил кард ва ҳеҷ гуна каҷӣ ва инҳирофе дар он қарор надод. [Китобе] Устувор, то аз азобе сахт аз ҷониби Ӯ таъоло бим диҳад ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста мекунанд, мужда диҳад, ки подоши накӯе барояшон вуҷуд дорад, ки он ҷаннат аст ва ҷовидона дар он хоҳанд монд."** (Каҳф, 1-3)

Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва Расули барҳақ аст.

Аллоҳ таъоло бандагони худро дар чандин ҷойҳои Қуръон ба амрҳои муҳим уҳдадор кардааст, аз он ҷумла ба намозу рӯза ва амсоли инҳо. Аз ин рӯ, китоби мазкур низ яке аз амрҳо ва мавзӯъҳо муҳими исломиро, аз он ҷумла мавзӯи Тавҳид ва яктопарастиро дар бар мегирад, ки ин мавзӯъ дар аксарияти сураҳо ва иршодоти онҳо ба таври мухтасар баён шудааст. Сифатҳо ва номҳои илоҳӣ, ки имрӯзҳо мутаассифона ба онҳо таваҷҷӯҳи камтар дода мешавад, дар ин китоб мавқеъи ҷудогона дошта, дар сураҳое, ки дар онҳо асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло зикр мешаванд, дар баробари он шарҳу тавзеҳот онҳо низ оварда шудаанд. Инчунин амрҳои муҳими илоҳӣ дар робита бо ширк, намудҳои он ва роҳҳои дурӣ аз он, бахше аз ин китобро дар бар мегиранд.

Усуле, ки дар ин китоб истифода шудааст, ин аст, ки баъд аз тарҷумаи маъонии сураҳои қуръонӣ, ба шарҳи мухтасар ва иршодоти оятҳо пардохта шудааст, то барои хонанда оятҳои тарҷумашуда равшантар ва возеҳтар гарданд. Муаллиф бо истифодаи иршодот, танҳо роҳнамоиҳои мухтасарро дар назар надошта, балки оятҳо, ҳадисҳо ва суханони олимони муътабарро, ки аз ин сураҳо ва оятҳо истинбот ва иҷтиҳод кардаанд, ворид кардааст. Яъне баъди мутолиаи ҳар сура, на танҳо бо сура ошноӣ пайдо мекунед, балки аз хулоса ва натиҷаи масъалаҳои шаръӣ аз дидгоҳи Қуръон ва суннат баҳраманд мешавед. Дар ин замина барои равшану возеҳ шудани сураҳои Қуръон, барои хонандагон, китобҳои муътабари олимони Аҳли суннат ва ҷамоъат истифода шудаанд. Манбаъҳое, ки дар ин китоб аз онҳо истифода шудааст, дар охири китоб низ ба таври муфассал навишта шудаанд.

Аллоҳ таъоло раҳмат кунад мову шуморо, бидон, ки барои ба даст овардани мақсади нузули Қуръон, 5-марҳалаи зерин вуҷуд дорад, ки дар зер бо далоил аз Қуръон зикр мешаванд:

*1. Гӯш кардани он:*

**وَإِذَا قُرِئَ ٱلۡقُرۡءَانُ فَٱسۡتَمِعُواْ لَهُۥ وَأَنصِتُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ**

**"Ва ҳангоме, ки Қуръон хонда мешавад, пас ба он гӯш фаро диҳед ва хомӯш бошед, бошад, ки фарогири раҳмат шавед."** (Аъроф, 204)

*2. Хондану таълим гирифтани он:*

**ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَتۡلُونَهُۥ حَقَّ تِلَاوَتِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ يُؤۡمِنُونَ به**

"**Касоне, ки китоби осмонӣ ба онҳо додаем ва онро чунон, ки шоистааст мехонанд ва ба матолиби он имон меоваранд...**" (Бақара, 121)

*3. Ҳифз ва аз худ кардани он:*

بَلۡ هُوَ ءَايَٰتُۢ بَيِّنَٰتٞ فِي صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَۚ

"**Балки он оёти равшанест, ки дар синаи донишварони мӯъмин ҷой дорад...**" (Анкабут, 49)

*4. Андешидан ва панд гирифтан аз он:*

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"[Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то мардум дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

*5. Амал кардан ба он:*

ٱلَّذِينَ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقَوۡلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحۡسَنَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَىٰهُمُ ٱللَّهُۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"Касоне, ки суханҳоро мешунаванд ва аз беҳтарини он (Қуръон) пайравӣ мекунанд, онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таъоло ҳидояташон карда ва хирадмандонанд."** (Зумар, 18)

Дар асоси ин таъкидот, Алҳамдулиллоҳ пас аз таҳлил ва баррасӣ ба чунин хулоса омадем, ки сураҳои кӯтоҳи Қуръони каримро, ки аксарияти мардум дар намоз қироъат мекунанд, аммо аз маънӣ ва мафҳуми онҳо камтар ё аслан огоҳӣ надоранд, дар шакли фишурда пешкаши хонандагон бикунем. Ин сураҳо, сураи Фотиҳа, Ояталкурсӣ, 2 ояти охири сураи Бақара ва аз сураи Зуҳо то охири Қуръонро, яъне ҳамагӣ 23 сураро ба таври комил дар бар мегиранд.

Ин иршодоти сураҳо ба таври содда ва хулоса, бо мақсади фаҳм ва риояи амру наҳйи сураҳо, барои намозгузорон тақдим карда мешавад, то намозеро, ки мехонанд бо фаҳму дарки дуруст бошаду асари он дар онҳо дида шавад. Зеро дарк ва фаҳмиши оятҳову сураҳо ва амал кардан ба онҳо, дар шариъат амри зарурист.

## Сураи Фотиҳа

(1-умин сура, маккӣ ва дорои 7 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ﴿١﴾ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿٢﴾ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ﴿٣﴾ مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ ﴿٤﴾
إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ﴿٥﴾ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ﴿٦﴾ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ
عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ﴿٧﴾

**Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон.**

**“Сипос махсуси Аллоҳ таъоло, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Бахшандаи меҳрубон аст. Молики рӯзи ҷазост. Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷуем. Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо [ва ҳамвора собитқадам бигардон]. Роҳи касоне, ки бар онҳо инъом кардаӣ, (яъне Пайғамбарон, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон) на касоне, ки бар онҳо хашм гирифтаӣ (яъне яҳудиён) ва на гумроҳон (яъне насрониён).”**

*Иршодоти сура:*

1. Яке аз мақсадҳои сура, ин таҳқиқ бахшидани камоли бандагии Аллоҳ ба тавҳид аст, яъне ҳақиқат ва воқеияти тавҳидро муайян кардан.

2. Бузургтарин сураи Қуръон. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Сураи Фотиҳа - бузургтарин сураи Қуръон аст."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 4703)

3. Рукне аз аркони намоз аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Намоз, намоз нест, магар бо хондани сураи Фотиҳа."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 756)

4. Яккаву ягона ибодат ва талаби кумак кардан аз Аллоҳи бузург, ки ин амалҳо аркони тавҳиданд.

5. Доиман аз Аллоҳ барои истиқомат дар динаш дархост ва талаб кардан, зеро душманони инсиву ҷиннӣ ҳамеша дар гумроҳ карданананд.

6. Ҳазари илоҳӣ аз амал накардан дар асоси илм, монанди яҳудиён.

7. Ҳазари Аллоҳ аз бе илм ва бе маърифат амал кардан дар шариъат, монанди насрониён.

8. Ғазаби Аллоҳ бар касоне, ки медонанд ва амал намекунанд ё амал мекунанд, аммо бе илми шариъат.

9. Исботи 4-сифоти Аллоҳ, **ал-Улуҳия** (ягона ибодатшаванда), **ар-Рубубия** (ягона тарбиякунанда), **ар-Раҳмат**, (Раҳмкунанда) ва **ал-Ғазаб** (Ғазабкунанда).

10. Исботи 7-номи Аллоҳ ва фиқҳи ибодат кардан ё фаҳму дарки ибодат кардан ба онҳо. **Ал-Аллоҳ**, **ар-Раб**, **ар-Раҳмон**, **ар-Раҳим**, **ал-Малик**, **ал-Молик** ва **ал-Малийк**.

Вақте, ки номе барои Аллоҳ дар Қуръон ва ё аҳодиси саҳеҳ собит шуд, дар он 5-амр ҳатмӣ ва зарурист:

1. Имон ва тасдиқ кардани он.
2. Исботи сифати гирифташуда аз он.
3. Фаҳми маъно ва далолати он.
4. Дуъо ва ибодат кардан ба он.
5. Амал кардан ба тақозои он.

Барои равшантар шудани ин масъала, 5-амри ҳатмӣ ва зарурии номи **"Аллоҳ"**-ро баррасӣ мекунем:

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки **"Аллоҳ"** номи зоти Ӯ таъолост.
2. Аз номи **"Аллоҳ"** сифати улуҳият барои Ӯ таъолоро исбот намудан.
3. Маъно ва далолати он: **"Аллоҳ"** исми хос ва шинохташудаи Ӯ таъолост, ки бар улуҳияти Ӯ далолат мекунад. Ӯро халоиқ аз рӯи муҳаббат, таъзим ва фурӯтанӣ мепарастанд ва дар баровардани ҳоҷатҳо ва мушкилотҳо ба сӯи Ӯ рӯй меоранд. **"Аллоҳ"** исми ҷомеъ барои маъноҳои номҳои накӯи Аллоҳ мебошад, яъне ҳамаи номҳо бар ҳамин ном бармегарданд ва зотест, ки шоиста ва лоиқи парастиши тамоми бандагонашро дорад. Инчунин зотест, ки саҷдаву рукӯъ ва тамоми намуди ибодатҳо барои Ӯст ва бо ин ном ба ғайр аз Аллоҳ касеро номидан ҷоиз нест.
4. Дуъо ва ибодат кардан ба он, чун фармудаи Аллоҳ таоъост:

**وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ**

**"Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ таъолост, пас Ӯро ба он [номҳо] бихонед..."** (Аъроф, 180)

Аллоҳро бо он номҳо дуъо кардан бар ду навъ аст:

***- Дуъои ҳамду сано ва ибодат.*** Монанди "Ё Аллоҳи бузургу карим, Ё Аллоҳи қодиру тавоно" ва амсоли ин.

***- Дуъои талабу пурсиш аз Ӯ таъоло.*** Монанди "Ё Аллоҳ маро раҳмат бикун", "Ё Аллоҳ маро бубахш, нусрат бидеҳ" ва амсоли ин.

5. Амал кардан ба тақозои номи **"Аллоҳ"**-и бузург. Манзур аз ин, ибодат кардан ба василаи номҳои Парвардигор, иттилоъ пайдо кардан нисбат ба онҳо, донистани маъонии онҳо ба таври комил ва амал кардан ба онҳост. Вақте, ки номи **"Аллоҳ"** зикр шудааст, ин бадон маънист, ки банда бояд ҳамаи умурашро таслими фармони Ӯ таъоло кунад, Ӯро якка ва ягон бидонад ва ибодат кунад. Зеро Аллоҳ

якка ва ягона буда, ҳамаи умур бар асоси ҳикмати Ӯст. Ҳамчунин аз нишонаҳои амал ба номҳо, бузургдошт ва таъзими онҳо ва хондани Аллоҳ ба василаи онҳост.

Хулоса, вақто, ки бандаи мӯъмин ин 5-амрро нисбат ба номи **"Аллоҳ"**-и бузург хуб аз худ кард, бояд дар қалбу бадани ӯ осори бузурге дида шавад. Аз ҷумла дар банда бояд осор ва нишонаҳои зерин, ки ҳамчун бузургтарин натиҷаи шинохти банда нисбат ба Аллоҳ мебошанд, ошкор гардад:

- Муҳаббат ва бузургдошти Аллоҳи ягона аз ҳама чиз. Ҳатто бузургдошти Аллоҳи таъоло аз нафси худ, аз мол, аз аҳлу фарзанд ва аз ончи банда дар дунё дорад.
- Ихлоси бандагӣ бар Ӯ таъоло дар тамоми ибодатҳо. Яъне ҳамаи анвоъи ибодатҳоро танҳо барои Аллоҳ анҷом диҳад, аз қабили таваккул, тарс, умед, рағбат, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, назр, қурбонӣ ва амсол инҳо, ки албатта анҷоми ин ибодатҳо барои ғайри Аллоҳ ҷоиз нест.
- Шуъур ва қобилияти дарк намудани иззату обрӯмандии банда, дар ҳоле, ки банда худро ба Ӯ таъоло нисбат диҳад. Яъне ҳангоме, ки банда худро ба Аллоҳ нисбат диҳад, ҳангоме, ки Аллоҳ зикр карда шавад ва ё ҳангоме, ки банда чизеро аз Аллоҳ бидонад, бояд ҳиссиёте дар ӯ пайдо шавад, ки иззат ва обрӯмандиро эҳсос кунад.
- Эҳсоси оромиши руҳиву ҷисмонӣ ва саъодатмандии банда, ҳангоми ёд ва зикри Аллоҳи таъоло.
- Якка ва ягона қарор додани Ӯ таъоло дар дӯстиву бадбинӣ. Яъне ба хотири Аллоҳ касеро дӯст доштан ва ё ба хотири Аллоҳ касеро бад

дидан.

Дар Қуръон номи **"Аллоҳ"** 2724-маротиба омадааст.

**Ар-Раб:**

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ки **"Раб"** яке аз номҳои Аллоҳ таъолост.

2. Исботи сифати рубубият аз номи **"Раб"**.

3. Маъно ва далолати он: Парвардигоре аст, ки халқашро бо неъматҳояш парвариш медиҳад, онҳоро оҳиста-оҳиста рушд медиҳад ва Ӯст, ки дӯстонашро бо ончи, ки дилҳояшонро ислоҳ кунад, тарбия мекунад. Ӯ холиқ, малик, сайид, офаридгор ва идоракунанда аст ва ҳамаи халқашро бо неъматҳояш тарбия мекунад. Истифодаи номи **"Раб"** барои ғайри Аллоҳ таъоло ҷоиз намебошад, магар дар ҳолате, ки исме ё чизе ба ин ном илова карда шавад. Масалан, раббул-усрати (соҳиби оила) ё раббул байт (соҳиби хона) ва монанди инҳо.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он.

***- Дуъои ҳамду сано ва ибодат.*** Монанди, "Ё Парвардигори бузург, ё Парвардигори кариму қодир" ва амсоли ин.

***- Дуъои талабу пурсиш:*** Монанди, "Ё Парвардигор маро раҳмат бикун, ё Парвардигоро маро бибахш" ва амсоли ин. Зеро аксари дуъоҳои воридшуда аз анбиё алайҳимуссалом ба Раббано шурӯъ шудааст.

5. Амал кардан ба тақозои номи **"ар-Раб"**. Манзур ин аст, ки вақте банда умури 5-гонаро донист ва аз худ кард, дар банда бояд нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Ҳикмати тавҳиди рубубиятро аз худ кардан ва ба он амал кардан: Фармудаи Ӯ таъоло:

**أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَٰكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ**

**“Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯи Мо бозгардонида намешавед?”** (Мӯъминон, 115)

- Таваккали комил ба Парвардигор кардан, чун медонад ҳамаи умури дунё дар дасти Ӯ таъолост. Аллоҳ фармудааст:

**قُلْ مَنْ بِيَدِهِ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيْهِ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٨٨﴾ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ ۚ قُلْ فَأَنَّىٰ تُسْحَرُونَ ﴿٨٩﴾**

**“Бигӯ: "Агар медонед, бигӯед фармонравоии ҳама чиз ба дасти кист? Ва кист, ки паноҳ медиҳад ва касе дар баробари ӯ паноҳ надорад?" Хоҳанд гуфт: "Фармонравоии ҳама чиз аз они Аллоҳ таъолост." Бигӯ: "Пас, чӣ гуна фиреб мехӯред [ва намеандешед]?"** (Мӯъминон, 88-89).

- Лаззат ва таъми имонро чашида ва ба амрҳо ва манъкардаҳои илоҳӣ розӣ мешавад, зеро медонад, ки ҳамаи корҳо аз ҷониби Парвардигори якто буда ва ба хости Ӯ анҷом мегиранд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

***ذاق طعم الإيمان من رضي بالله ربا و بالإسلام دينا و بمحمد صلى الله عليه وآله و سلم رسولا***

***"Касе, ки розӣ бошад бар ин ки Аллоҳ Парвардигораш аст, Ислом дину ойинаш аст ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам Расулаш аст, лаззат ва таъми ҳақиқати имондориро мечашад."*** (Саҳеҳи Муслим, 34)

- Ҳамчунин аз нишонаҳои амал кардан ба номи **"ар-Раб"**, бузургдошт ва таъзими ин ном ва хондани Аллоҳ ба василаи ин ном мебошад.

Дар Қуръон номи **"ар-Раб"** 900-бор омадааст.

**Ар-Раҳмон:** Маъно ва далолати он: Бораҳмтарин ва меҳрубонтаринест, ки тамоми махлуқот шомили раҳмати Ӯ мебошанд ва ғайр аз Аллоҳ каси дигарро бо ин ном номгузорӣ кардан ҷоиз нест.

**Ар-Раҳим:** Маъно ва далолати он: Раҳмкунанда ва бахшандаи мӯъминон дар дунёву охират. Онҳоро дар дунё барои ибодаташ муваффақ мегардонад ва дар охират онҳоро бо ҷаннаташ икром хоҳад кард.

Хулоса ин 2-ном, яъне номҳои "**ар-Раҳмон**" ва "**ар-Раҳим**" далолаткунанда ба раҳмате мебошанд, ки ҳамаи махлуқотро фаро гирифтааст. Инчунин ин номҳо дарбаргирандаи эҷод ва мадади ҳамаи махлуқот буда ва инчунин бар раҳмати хосе, ки дарбаргирандаи мӯъминон дар дунё ва охиратанд, далолат мекунанд. Яъне ин ду ном дарбаргирандаи эҷод ё ба вуҷуд овардани сабаб ва мусаббаботанд, ки боз бар меҳрубонии Холиқ нисбати бандагонаш далолат мекунанд.

- Ба ин ду номи Аллоҳи зебо амал кардан ин аст, ки банда доим ба Ӯ таъоло умеди раҳматашро дошта бошад ва ҳеҷ вақт ба ноумедӣ раҳ надиҳад. Ҳамчунон доим гумони нек дошта бошад, зеро Аллоҳ бениҳоят меҳрубон аст. Ӯ таъоло фармудааст:

**۞ قُلْ يَٰعِبَادِىَ ٱلَّذِينَ أَسْرَفُوا۟ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا۟ مِن رَّحْمَةِ ٱللَّهِ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَغْفِرُ ٱلذُّنُوبَ جَمِيعًا ۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلْغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ**

**"[Эй Паёмбар] Ба бандагонам, ки зиёдаравӣ кардаанд, бигӯ: "Аз раҳмати илоҳӣ маъюс набошед, чаро, ки агар тавба кунед Аллоҳ таъоло ҳамаи гуноҳонатонро мебахшад. Ба ростӣ, ки Ӯ бисёр омурзанда ва меҳрубон аст."** (Зумар, 53)

- Ҳамчунин Аллоҳ бахшандагонро мебахшад. Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

***الرّاحمونَ يرحمُهم الرحمنُ، ارحمُوا أهلَ الأرضِ يرحمْكم مَن في السماءِ***

***"Бахшандагонро Аллоҳи раҳмон мебахшад, шумо раҳм кунед ба аҳли замин то ин ки зоте, ки дар осмон аст, шуморо бибахшад."*** (Абудовуд, 4941)

Исми **"ар-Раҳмон"** 57-бор ва исми **"ар-Раҳим"** 123-бор дар Қуръон омадаанд.

**Ал-Малик**, маъно: Касест, ки амру наҳй ва ғалаба аз Ӯст. Ӯ бо амрҳояш ва феълҳояш бар сари халқаш тасарруф мекунад ва касе бар Ӯ дар ҳукмронии мардум бартарӣ надорад. Чун Ӯ таъолост, ки ҳукмаш бе чуну чаро бояд иҷро шавад.

**Ал-Молик**, маъно: Молики аввалу охир аст, яъне ҳама чизро Ӯ таъоло молик аст. Ҳарчи, ки дар дунёст бозгашташ ба сӯи Ӯст. Мулк аз аввали хилқат аз Ӯ буд, пеш аз Ӯ чизе набуд ва дар ниҳоят баъди фанои халқ низ мулк аз они Ӯ мебошад.

**Ал-Малийк**, маъно: Номест, ки далолат мекунад бар мулки мутлақ, пурра ва комил ва маънояш балиғтару баландмартабатар аст аз номи **"ал-Малик"**.

Хулосаи ин 3-ном: Зоте, ки мулки осмонҳову замин ва чизе, ки дар онҳост аз они Ӯст, болои Ӯ подшоҳе нест ва чизе нест, магар поин аз Ӯст, мулки комил аз Ӯст ва дар ҳамаи мавҷудот тасарруф кардан аз они Ӯст ва Ӯ молики ҳамаи чиз аст ва Малийк бар бузургии мулки Ӯ таъоло далолат мекунад ва зотест, ки бе чуну чаро ҳар коре бихоҳад анҷом медиҳад.

Исми **"ал-Малик"** 5-бор, исми **"ал-Малийк"** 1-бор ва исми **"ал-Молик"** 2-бор дар Қуръон омадаанд.

Касе, ки ба пайравӣ аз Қуръон ва суннати саҳеҳ бипардозад, метавонад онҳоро шумориш намояд ва бар забонҳо ҷорӣ кунад.

**Тафовути номҳо аз сифатҳои Аллоҳ.**

Номҳои Аллоҳ ва сифоти Ӯ таъоло дар 2-чиз бо ҳам муштараканд, яке дар ҷоиз будани истиъоза (паноҳ ҷӯстан) ба онҳо ва дигар иҷозаи савганд ёд кардан бар онҳо.

Аммо аз чанд ҷиҳат дорои тафовутҳое ҳастанд. Аввал ин ки изҳори убудият нисбат ба номҳо ҷоиз аст, мисли ***"Абдулкарим"***, ҳамчунин мухотаб ё хитобшаванда қарор додани номҳои Ӯ дуруст мебошад, мисли гуфтани ***"Ё Карим..."***. Аммо ин ду амрро, яъне изҳори убудият ва хитобшаванда қарор додани Аллоҳ дар сифатҳояш дуруст нест ё анҷом дода намешавад. Яъне наметавон гуфт, ки ***"Ё Каррамаллоҳ"*** ё номи касеро ***"Абдулкарам"*** гузошт.

Дуввумин тафовут ин аст, ки сифатҳо аз номҳо гирифта мешаванд, на номҳо аз сифатҳо. Ба унвони мисол, сифати ***"раҳмат"*** аз номи ***"Раҳмон"*** гирифта шудааст.

Тафовути севвумии фарқ байни номҳо ва сифатҳо ин аст, ки номҳо аз афъоли Ӯ гирифта намешаванд, мисол: аз афъоли Аллоҳ ***"ғазаб кардан"*** аст, аммо мо наметавонем бигӯем, ки ***"ал-Ғозиб"*** яке аз номҳои Аллоҳ аст. Аммо сифатҳояш бошанд мумкин аст, ки аз афъолаш гирифта шаванд. Мисли сифати ***"Ғазаб"***, ки мо ин сифатро барои Аллоҳ исбот мекунем, чунки ғазаб аз афъоли илоҳист, яъне сифати феълист, на сифати зотӣ. Аммо ***"Раҳмат"*** бошад, сифати зотии Аллоҳ аст ва ҳам сифати феълиро низ дар бар мегирад, зеро яке аз номҳои Аллоҳ ***"ар-Раҳим"*** аст.

## Ояталкурсӣ

ٱللَّهُ لَآ إِلَـٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْحَىُّ ٱلْقَيُّومُ ۚ لَا تَأْخُذُهُۥ سِنَةٌ وَلَا نَوْمٌ ۚ لَّهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۗ مَن ذَا ٱلَّذِى يَشْفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذْنِهِۦ ۚ يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ ۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَىْءٍ مِّنْ عِلْمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَ ۚ وَسِعَ كُرْسِيُّهُ ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ ۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفْظُهُمَا ۚ وَهُوَ ٱلْعَلِىُّ ٱلْعَظِيمُ ﴿٢٥٥﴾

**"Аллоҳ таъоло маъбуди ростин аст, ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Ӯ нест. Зиндаву поянда ва қоим ба зоти худ аст. На хоби сабук [ғанав, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин. Ончи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоъат кунад?! Гузашта ва ояндаи бандагонро медонад ва онон ба чизе аз илми Ӯ иҳота ва огоҳӣ намеёбанд, магар он чи худи Ӯ таъоло бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ сангину душвор нест ва Ӯ баландмартаба ва бузург аст."** (Бақара, 255)

*Иршодоти оят:*

1. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Бузургтарин оят дар Қуръон, Оятилкурсӣ аст."*** (Саҳеҳи Муслим, 810). Чун дар он аз тавҳиди рубубият, улуҳият ва асмову сифот зикр шудааст.

2. Дар ҳадисҳои саҳеҳ ворид шудааст, ки ин оят манзилатҳои бузургро шомил аст, ба монанди:

- Касе, ки баъди ҳар намози фарз онро бихонад, дохили ҷаннат мешавад.

- Касе, ки пеш аз хоб онро бихонад, дар ҳифзи Аллоҳ аст.

- Касе, ки онро субҳу шом бихонад, аз шайтон дар амон мемонад.

3. Нафй ва инкор кардани сифатҳои хоб, пинак ва ё ғанав аз Аллоҳи пок, чун ин сифатҳо нишондиҳандаи камбудӣ ва нуқсонанд, ки албатта шоистаи Аллоҳ нестанд.

4. Комил будани мулки Аллоҳ ва инчунин дарбаргирандаи тамоми мулкҳо, зеро Аллоҳ Қайюм аст.

Ҳамчунин илми Аллоҳ низ комил буда ва дарбаргирандаи ҷузъиёти ҳамаи илмҳост, зеро Аллоҳ Олимул-ғуюб аст.

5. Қудрати Аллоҳ низ шомили ҳамаи қудратҳо буда, қудрати комил аст, то ҷое, ки ҳатто нигоҳдории Курсӣ, ки осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст, барояш душвор нест. Бар замми ин, касе бе иҷозаташ шафоъат карда наметавонад.

6. Исботи шафоъат барои мӯъминон бар асоси 2-шарт:

- Иҷозати Аллоҳ бар шафоъаткунанда. (Далел: ҳамин оят)

- Розигии Аллоҳ аз шафоъатшаванда. (Далел: Наҷм, 26) Чун шафоъат ҳаққи хосси Аллоҳ аст ва бояд аз Ӯ таъоло талаб карда шавад.

7. Исботи 5-номи Аллоҳ: **Ал-Илоҳ** (маъбуди якто), **ал-Ҳай** (зиндаи ҷовидонӣ), **ал-Қайюм** (ғолиби тавоно), **ал-Алию** (болову баландмартаба дар зот, дар қаҳр ва дар ҳукм) ва **ал-Азим** (бузург дар мулку подшоҳӣ).

8. Исботи 2-сифати илоҳӣ: **Ал-Изн** (иҷозатдиҳанда), **ал-Машиа** (анҷомдиҳандаи ҳар амале, ки бихоҳад).

9. Аз Ибни Аббос, аз Абумусои Ашъарӣ ва аз Абуҳурайра Аллоҳ аз онҳо розӣ бошад, собит шудааст, ки Курсӣ мавзеъи қадами Аллоҳи пок аст, ҳамон гунае, ки лаёқати азамати Ӯ таъолост. (Тафсири Ибни Касир,

зери ҳамин оят.) Ингуна ривоято ҳукми рафъро доранд, яъне ҳукми ҳадиси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро доранд, гарчанде, ки аз асҳоби киром ривоят шудаанд. Зеро саҳобагон умури ғайбро на аз пеши худ баён мекарданд ва на онро қиёс мекарданд, балки ҳамон гунае, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ворид мешуд, қабул ва тасдиқ мекарданд. Ҳамаи ин умур, умури ғайбанд ва дар ин масоил маҷоле ё имконе барои ақл нест, зеро ақли инсонӣ қобилияти фаҳм ва дарки масоили ғайбиро надорад.

10. Фиқҳ (фаҳму дарки ибодат) ва амал кардан ба номи **"ал-Илоҳ"**.

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки **"ал-Илоҳ"** яке аз номҳои Аллоҳ аст.

2. Исботи сифати **"ал-Илоҳия"** аз ин ном.

3. Маъно ва далолати он: Фақат Ӯ ҳақ дорад, ки ибодат шавад ва фақат Ӯ шоистаи ибодат аст, чун холиқу розиқ ва Парвардигори ҷаҳониён аст.

Фармудаи Ӯ таъолост:

وَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ

**"Эй мардум, маъбуди шумо маъбуди ягона аст, ки ба ҷуз Ӯ ҳеҷ маъбуде барҳақ нест, бахшандаву меҳрубон аст."** (Бақара, 163)

4. Дуъо кардан ба ин ном, чи дуъои талаб бошад ва чи дуъои васфу ситоиш.

5. Амал кардан ба тақозои ин ном. Монанди иқрор кардан ба тавҳиди улуҳият, зеро аз ин ном исбот шудааст, ки банда Ӯ таъолоро бояд бар асоси ин ном якка ва ягона ибодат кунад, бар асоси ҳамин дигаронро даъват кунад ва бар худ сифоти камоли бандагиро ҷо кунад. Зеро Аллоҳ бандаи муваҳҳидашро дӯст медорад.

Фиқҳ, фаҳм ва амал кардан ба номи **"ал-Ҳайю"**.

1. Имон ва тасдиқи ин ном.

2. Исботи сифати **"ал-Ҳаёт"** аз ин ном.

3. Маъно ва далолати он: Ӯ касест, ки ҳаёташ доиму комил аст ва Ӯ аввал ва охир аст. Тамоми ҳаёт ва зиндагоние, ки вуҷуд дорад, аз ҷониби Ӯст ва зиндаест, ки намемирад. Ҳаёти Ӯ субҳонаҳу комилтарин ҳаёт аст, ҳамаи сифатҳои камолро дар бар мегирад ва ҳеҷ нақс ё камбуде дар сифоташ надорад. Яке аз камолоти сифатҳои Ӯ ин аст, ки Ӯро ғанаб ва ё хоб намегирад.

Номи **"ал-Ҳайю"** дар Қуръон 5-бор омадааст.

4. Дуъо кардан ба ин ном. Дар шариъат ворид шудааст, ки дуъо кардан ба ин номҳои зебои Аллоҳ, беҳтарин васила аст.

5. Амал кардан ба ин ном. Вақте, ки банда илми зарури ва фаҳми дурустро дар ин ном аз худ кард, дар ӯ бояд осору тақозои ин ном дида шавад, ки аз муҳимтаринашон ин аст:

- Муҳаббату дӯстӣ ба Аллоҳ ва муҳаббату дӯстӣ ба бузургиву тавҳиди Аллоҳ, чун медонад ҳаёти ин дунё бояд дар партави розигӣ ва амрҳои Ӯ таъоло анҷом дода шавад.

Фармудаи Ӯ таъолост, ки:

**قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ.**

**"Бигӯ: "Бетардид, намозам ва қурбониҳои ман ва зиндагӣ ва маргам ҳама барои Аллоҳ таъоло – Парвардигори ҷаҳониён аст."** (Анъом, 162)

- Таваккули содиқона ба Аллоҳи бузургу ҷовидона. Фармудаи Ӯ таъолост:

وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱلۡحَيِّ ٱلَّذِي لَا يَمُوتُ وَسَبِّحۡ بِحَمۡدِهِۦۚ وَكَفَىٰ بِهِۦ بِذُنُوبِ عِبَادِهِۦ خَبِيرًا.

**"Ва бар Парвардигори зиндае, ки ҳаргиз намемирад, таваккул кун ва бо ситоиш Ӯро ба покӣ ёд кун. Ва ҳамин бас, ки Ӯ ба гуноҳони бандагонаш огоҳ аст."** (Фурқон, 58)

- Зуҳду тақворо дар ҳаёти дунёи фонӣ пеша гирифтан ва кӯшиш кардан барои ҳаёти абадӣ.

Фармудаи Ӯ таъолост, ки:

وَمَا هَٰذِهِ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَآ إِلَّا لَهۡوٞ وَلَعِبٞۚ وَإِنَّ ٱلدَّارَ ٱلۡأٓخِرَةَ لَهِيَ ٱلۡحَيَوَانُۚ لَوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ

**"Ва ин зиндагии дунё [чизе] ҷуз саргармӣ ва бозича нест ва бетардид, сарои охират зиндагонии ростин аст. Агар медонистанд [ба дунё дилбаста намебуданд]."** (Анкабут, 64)

Фаҳму амал кардан ба номи **"Ал-Қайюм"**.

Маъно ва далолати он: Ба зоти худаш қоим аст ва ба касе аз махлуқоташ эҳтиёҷе надорад ва Ӯ сабаби қоим будани тамоми чиз аст. Дар осмонҳову замин тамоми чизҳо вобастагӣ ба Ӯ доранд. Зотест, ки ба нафси худ қоим аст, ба касе эҳтиёҷ надорад, балки ҳамаи чиз ба Ӯ қоиманд ва ҳамаи чиз ба зоти Ӯ таъоло муҳтоҷанд.

Ин ном дар Қуръон 3-бор омадааст.

Фаҳм ва амал кардан ба 3-номи Аллоҳ таъоло:

**"Ал-Алий",** маъно ва далолати он: Ӯ касест, ки зоташ, қаҳраш ва шаънаш аз ҳама болост ва тамоми чиз зери қаҳр ва султонии Ӯ қарор гирифтааст ва чизе ҳеҷгоҳ аз Ӯ боло нест.

**"Ал-Аъла"** ва **"ал-Муттаъол"**, маъно ва далолати онҳо: Ӯ касест, ки дар назди баландмартабагияш тамоми чиз залил гаштааст ва аз Ӯ чизе болотар нест, балки тамоми чиз дар зери қудрати Ӯ қарор доранд.

Хулосаи ин 3-ном. Зоте, ки барои Ӯ аз ҳамаи ваҷҳҳо дар зот, дар қадр, дар сифатҳо, дар пирӯзмандӣ ва дар ғалаба, баландмартабагии комил аст. Ӯ бар халқаш олӣ аст ва ҳамаи чиз дар зери қаҳру султонии Ӯ мебошанд.

Исми **"ал-Алий"** 8-бор, исми **"ал-Аъло"** 2-бор ва исми **"ал-Муттаъол"** 1-бор дар Қуръон омадаанд.

Фаҳм ва амал кардан ба номи **"ал-Азим"**. Маъно ва амал кардан ба он: Бузургтарин зотест дар номҳову сифатҳояш ва воҷиб аст бар халоиқ, ки Ӯро баландмартабатарин бидонанд. Амру маънкардаҳояшро низ бузург бишуморанд ва ҷамъоранда барои сифатҳои азамату ҷалол ва кибриёӣ. (Яъне тамоми сифатҳои азамат, ҷалол аа кибриёиро дорост). Ӯ дар Зот, номҳо ва сифатҳояш азим аст, пас ягон махлуқ шоиста нест, ки таъзим карда шавад, ҳамонгуна ки Ӯ субҳонаҳу ба қалбу забон ва аъзои бадан таъзим карда мешавад. Ин ном дар Қуръон 9-бор омадааст.

## Ду ояти охири сураи Бақара

ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيْهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلْمُؤْمِنُونَ ۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ
أَحَدٍ مِّن رُّسُلِهِۦ ۚ وَقَالُوا۟ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا ۖ غُفْرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيْكَ ٱلْمَصِيرُ ﴿٢٨٥﴾ لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفْسًا إِلَّا
وُسْعَهَا ۚ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَعَلَيْهَا مَا ٱكْتَسَبَتْ ۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذْنَآ إِن نَّسِينَآ أَوْ أَخْطَأْنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا تَحْمِلْ عَلَيْنَآ
إِصْرًا كَمَا حَمَلْتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِنَا ۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلْنَا مَا لَا طَاقَةَ لَنَا بِهِۦ ۖ وَٱعْفُ عَنَّا وَٱغْفِرْ لَنَا
وَٱرْحَمْنَآ ۚ أَنتَ مَوْلَىٰنَا فَٱنصُرْنَا عَلَى ٱلْقَوْمِ ٱلْكَٰفِرِينَ ﴿٢٨٦﴾

**"Расули Аллоҳ таъоло ба он чи аз сӯи Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва мӯъминон низ ҳамагӣ ба Аллоҳ таъоло ва фариштагону китобҳо ва Паёмбаронаш имон овардаанд. Ва суханашон ин аст, ки мегӯянд: "Миёни ҳеҷ як аз Паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем" ва мегӯянд: "Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро, омурзиши Туро хоҳонем ва бозгашти ҳама [тамоми умур] ба сӯи Туст. Аллоҳ таъоло ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш ухдадор намекунад. Ҳар касе, ки аз螺 ончи аз хубӣ ба даст овардааст ба суди ӯст ва ончи аз бадӣ касб кардааст, ба зиёни ӯст. Парвардигоро, агар фаромӯш ё хато кардем, моро бозхост макун. Парвардигоро, бори гарон ва таклифи сангин бар дӯши мо магзор, чунонки онро [ба муҷозоти гуноҳ ва саркашӣ] бар [дӯши] касоне, ки пеш аз мо буданд [яҳудиён], ниҳодӣ. Парвардигоро, ончи, ки тоб ва бардошти таҳаммулашро надорем, бар [дӯши] мо магзор ва моро биёмурз ва бар мо раҳм кун. Ту ёру корсози моӣ, пас моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон."** (Бақара, 285-286)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Ин ду оят яке аз зикрҳои шабонаанд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Касе, ки ин ду оятро дар шаб бихонад, барояш кофист."*** (Яъне аз савоби тамоми хубиҳои шаб, мисли савоби қиёми шаб ва дигар зикрҳо баҳраманд мешавад). (Саҳеҳи Муслим, 807)

2. Хабари илоҳист, ки инсониятро ба қадри имкон ва тавонаш вазифадор кардааст, чун асос ва бинои Ислом бар осонӣ буда ва барои дур кардани вазминӣ ва душворӣ равона карда шудааст.

3. Асли авомир ё амркардаҳо ва маънкардаҳо дар шариъат, аз амрҳои душвор нестанд, балки ғизои рӯҳ, давои бадан ва ҳифзи нафс аз дурӣ аз зарар ва фасодҳо ҳастанд.

4. Гӯш ва итоъат кардани авомир ва манъкардаҳои илоҳӣ, сабаби мағфирати гуноҳон мешаванд.

5. Дӯстӣ бо Аллоҳ сабаби нусрат бар кофирон мешавад.

6. Меҳрубонии Аллоҳ бар бандагонаш, чун аз хатову фаромӯшии онҳо гузашт кардааст.

7. Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Баъди анҷоми ҳар як аз ин дуъоҳо, Аллоҳ мефармояд, ки ин дуъоро қабул кардам."*** (Саҳеҳи Муслим, 126)

8. Аҳамият ва азамати ин дуъоҳо дар назди Аллоҳи меҳрубон. Аз ин хотир, шоистааст, ки ҳар мӯъмин ин дуъоҳоро ба такрор аз Аллоҳ талаб кунад.

9. Яке аз роҳҳое, ки банда каломи Аллоҳро бифаҳмад ва аз худ кунад, ин аст, ки банда бояд бидонад, ки ин оят ё сура барои кадом амр далел ва ҳуҷҷат мешавад.

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

**وَالْقُرْآنُ حُجَّةٌ لَكَ، أَوْ عَلَيْكَ،**

***"Қуръон ҳуҷҷат ва далел аст барои наҷот ёфтани банда ва ё ҳуҷҷат ва далел аст барои ҳалок будани банда."*** (Саҳеҳи Муслим, 223)

Ба унвони мисол, ин 2-оят дар бисёре аз масоил далел мешаванд.

- Далеланд бар ин ки Расулону мӯъминон дар баробари амрҳо ва манъкардаҳои илоҳӣ баробаранд.

- Далеланд барои имон овардан ба аркони 6-гонаи имон.

- Далеланд, ки мӯъминон бояд бе чуну чаро амрҳои илоҳиро гӯш ва итоат кунанд.

- Далеланд, ки мӯъминон метавонанд ба амалҳои солеҳашон ба Аллоҳ васила кунанд.

- Далеланд, ки бинои шариъат бар осонист, на бар мушаққату вазнинӣ.

- Далеланд, ки ҳар як нафси инсонӣ худаш бар гуноҳаш ҷавобгар аст.

- Далеланд, ки дар шариъат амале, ки агар аз рӯи хато ва фаромӯшӣ анҷом дода шавад ва ё берун аз қувват ва қудрати шахс бошад, гуноҳ аз банда бардошта мешавад.

- Далеланд, ки Аллоҳ таъоло дӯст ва нусратдиҳандаи мӯъминон аст.

## Сураи Зуҳо (рӯз)

(93-юм сура, маккӣ ва дорои 11 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَٱلضُّحَىٰ ﴿١﴾ وَٱلَّيۡلِ إِذَا سَجَىٰ ﴿٢﴾ مَا وَدَّعَكَ رَبُّكَ وَمَا قَلَىٰ ﴿٣﴾ وَلَلۡءَاخِرَةُ خَيۡرٞ لَّكَ مِنَ ٱلۡأُولَىٰ ﴿٤﴾
وَلَسَوۡفَ يُعۡطِيكَ رَبُّكَ فَتَرۡضَىٰٓ ﴿٥﴾ أَلَمۡ يَجِدۡكَ يَتِيمٗا فَـَٔاوَىٰ ﴿٦﴾ وَوَجَدَكَ ضَآلّٗا فَهَدَىٰ ﴿٧﴾ وَوَجَدَكَ عَآئِلٗا
فَأَغۡنَىٰ ﴿٨﴾ فَأَمَّا ٱلۡيَتِيمَ فَلَا تَقۡهَرۡ ﴿٩﴾ وَأَمَّا ٱلسَّآئِلَ فَلَا تَنۡهَرۡ ﴿١٠﴾ وَأَمَّا بِنِعۡمَةِ رَبِّكَ فَحَدِّثۡ ﴿١١﴾

**"Савганд ба рӯз. Ва савганд ба шаб, ҳангоме, ки ором гирад. [Ки] Парвардигорат туро тарк накардааст ва бар ту хашм нагирифтааст. Ва мусалламан охират барои ту аз дунё беҳтар аст. Ва ба зудӣ Парвардигорат ба ту [ва уммати ту он қадр] ато хоҳад кард, ки хушнуд гардӣ. Оё туро ятим наёфт, пас паноҳ дод? Ва туро саргашта ёфт (намедонисти имон ва китоб чист), пас ҳидоят кард? Ва туро фақир ёфт, пас бениёз намуд? Пас ту низ ятимро маёзор. Ва суолкунадаро (аз дину дунёро) марон ва бо ӯ дуруштӣ макун. Ва неъматҳои Парвардигоратро бозгӯ кун [ва сипос гузор]."**

*Иршодоти сура:*

1. Мақсади сура зикри навозиш, нигоҳдорӣ ва риояти Аллоҳ ба Паёбараш ва унс додани ӯ ва умматонаш бар ваъдаи ин, ки охират аз ҳаёти ин дунё беҳтару хубтар аст.

2. Қасами Аллоҳ ба рӯзу шаб, ба хотири иҷрои ваъдааш.

3. Аллоҳ ба ҳар чизе, ки бихоҳад қасам ёд мекунад, аммо бандагонашро дар шариъат манъ кардааст аз қасам ёд кардан, магар ба номи худаш. Далел: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадиси саҳеҳ

фармудаанд: ***"Ҳар касе, ки ба ғайри Аллоҳ қасам ёд кунад, ба таҳқиқ ширк овардааст."*** (Мушкот, 3353)

4. Воҷиб будани иҷрои ҳаққи ятим ва суолкунанда, чи аз масоили динӣ ва чи аз масоили дунявӣ бошад.

5. Барои мӯъминон риояи ҳуқуқҳои ятимон, муҳтоҷон ва ҳатто ҷоҳилон дар шариъат, сабабҳои наздик шудан ба Аллоҳ мебошанд.

6. Воҷиб будани шукронаи Аллоҳ бар тамоми неъматҳояш, хусусан неъмати ақл, ҳидоят, Қуръон ва суннат.

7. Воҷиб будан бар нисбат додани неъматҳо ба Аллоҳ.

8. Мақсад аз Ғино дар инҷо 2-чиз аст:

- рӯзие, ки тавассути он лавозимоти зиндагӣ ҳосил мешаванд.

- қаноъате, ки бандаро аз тамаъ ва ҳирс дур мекунад.

9. Ин сура дар чандин масоил далел мешавад, аз ҷумла:

- Далел бар ин ки Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам ятим ва фақир будааст.

- Далел бар ин ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам пеш аз нубувват чизе аз умури динро намедониста аст.

- Далел бар ин ки дар асл инсон бояд имон, ҳидоят, ҷову маконат, обрӯ, иззат ва бойгариро аз ҷониби Аллоҳ таъоло бидонад.

- Далел бар ин ки банда бояд аз боби шукру ризогӣ ба Аллоҳ таъоло, неъматҳои Ӯ таъолоро баён кунад.

- Далел бар ин ки банда дар муқобили хубиҳое, ки Аллоҳ таъоло ба ӯ додааст бояд ба дигарон низ хубӣ кунад.

## Сураи Шарҳ (кушодан)

(94-умин сура, маккӣ ва дорои 8 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

أَلَمۡ نَشۡرَحۡ لَكَ صَدۡرَكَ ﴿١﴾ وَوَضَعۡنَا عَنكَ وِزۡرَكَ ﴿٢﴾ ٱلَّذِيٓ أَنقَضَ ظَهۡرَكَ ﴿٣﴾ وَرَفَعۡنَا لَكَ ذِكۡرَكَ ﴿٤﴾
فَإِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرًا ﴿٥﴾ إِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرٗا ﴿٦﴾ فَإِذَا فَرَغۡتَ فَٱنصَبۡ ﴿٧﴾ وَإِلَىٰ رَبِّكَ فَٱرۡغَب ﴿٨﴾

**"[Эй Паёмбар] Оё Мо синаатро [барои нузули ваҳй] накушудем? Ва сангиниро [бори гуноҳ ва душвории рисолатро] аз дӯши ту барнадоштем? Ҳамон боре, ки бар пуштат сангинӣ мекард. Ва [ному] овозаи туро баланд насохтем? Пас мусалламан, пас аз ҳар душворӣ осонист. Оре, мусалламан пас аз ҳар душворӣ осонист. Пас ҳангоме, ки [аз кору умури дунё] фориғ шудӣ, [ба ибодати Парвардигорат] бикӯш. Ва ба сӯи Парвардигорат муштоқ шав."**

*Иршодоти сура:*

1. Яке аз мақсадҳои сура ин миннати Аллоҳ бар Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки аз ӯ ғаму машаққат ва вазниниро дур мекунад.

2. Хабари илоҳӣ бар ин, ки синаи Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва салламро бар рисолату имон ва Ислом кушодааст ва низ бар ӯ муҳаббаташро қарор додаст, ки инро кушода шудани синаи маънавӣ ё ботинӣ меноманд.

3. Дар ҳадиси Саҳеҳи Муслим омадааст, ки синааш 2-маротиба бо тавассути Ҷабраил алайҳиссалом кушода шудааст:

- Бори аввал дар синни 5-солагӣ, дар Бани-Саъд кушода шуда ва бо оби Замзам шушта шуд.

- Дуввум маротиба бошад, дар шабе, ки ба Исро бурда шуд. Бори дуввум низ синааш бо оби Замзам шушта шуда ва аз дили ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам васвасаи шайтон дур карда шудааст. Инро кушода шудани ҳиссӣ ё зоҳирӣ мегӯянд, ки асараш дар бадани муборакаш мушоҳида мешудааст.

4. Хабари илоҳист, ки шаъну шараф ва зикри Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва салламро нисбат ба дигар махлуқоташ боло бардоштааст.

5. Ин сура далел аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам беҳтарин Расулаш аст, ки зикраш дар шаҳодатайн, дар азону иқомат ва дар намоз омадааст.

6. Хабари илоҳист, ки баъди ҳар вазнинӣ осонист.

7. Ари илоҳӣ бар кӯшиш кардан дар умури ибодат.

8. Амри Аллоҳ бар ин, ки банда бояд доим ба сӯи Аллоҳи бузург рӯйовар бошад ва аз Ӯ таъоло интизори хубиҳо дошта бошад. Чун баъди ҳар вазнинӣ сабукист, баъди ҳар ғаму андӯҳ хушиву хушҳолӣ ва баъди ҳар сабру таҳаммул, халосӣ ва наҷот аст.

9. Ин сура дар умури зерин далел мешавад:

- Аҳамияти покии дил пеш аз анҷом додани ҳар кори хуб.

- Гуноҳон сабаби шикаст хӯрдани инсон дар дунёву охират мешаванд.

- Далел аст, ки зиндагии дунё мушкилӣ ва осониҳо дорад, аммо осониҳо нисбат ба мушкилиҳо бештар ва васеътаранд.

- Далил аст, ки вақтҳои озод ва фароғатро низ бояд ба ёду зикри илоҳӣ гузаронд.

## Сураи Тин (анҷир)

(95-умин сура, маккӣ ва дорои 8 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَٱلتِّينِ وَٱلزَّيْتُونِ ﴿١﴾ وَطُورِ سِينِينَ ﴿٢﴾ وَهَـٰذَا ٱلْبَلَدِ ٱلْأَمِينِ ﴿٣﴾ لَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَـٰنَ فِىٓ أَحْسَنِ تَقْوِيمٍۢ
﴿٤﴾ ثُمَّ رَدَدْنَـٰهُ أَسْفَلَ سَـٰفِلِينَ ﴿٥﴾ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّـٰلِحَـٰتِ فَلَهُمْ أَجْرٌ غَيْرُ مَمْنُونٍۢ ﴿٦﴾ فَمَا
يُكَذِّبُكَ بَعْدُ بِٱلدِّينِ ﴿٧﴾ أَلَيْسَ ٱللَّهُ بِأَحْكَمِ ٱلْحَـٰكِمِينَ ﴿٨﴾

**"Савганд ба анҷир ва зайтун. Ва савганд ба Тури синин (кӯҳи муборак). Ва савганд ба ин шаҳри амн [Макка]. [Ки] Яқинан, Мо инсонро дар беҳтарин сурат [ва бо фитрати пок] офаридем. Сипас ӯро [ки инҳироф ёфт], ба пасттарин [мароҳили] пастӣ баргардонидем. Магар касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд. Пас барои онон подоше пойдор [дар пеш] аст. Пас [эй инсон] чи чизе баъд [аз ин ҳама далоили равшан] туро ба такзиби [рӯзи] ҷазо во медорад? Оё Аллоҳ таъоло беҳтарин довар [ва ҳокими мутлақ] нест?"**

*Иршодоти сура:*

1 Ин сура 2-мавзӯъро баён мекунад:

- Гиромӣ доштани башарият аз ҷониби Аллоҳ таъоло.

- Имон ба рӯзи ҳисобу ҷазо.

2. Имону амали солеҳи банда дар шариъат, сабаби ҳифзи каромат ва обрӯи ӯ дар назди Аллоҳи бузург гашта, аммо тарки онҳо сабаби хориву пастӣ мегарданд.

3. Фарз будани таслим шудан дар баробари ҳукмҳои илоҳӣ, чун ҳокими ҳокимҳост ва одилтарини одилон аст.

4. Ишора бар ин, ки кофирон дар бадтарин шаклу сурат дар қиёмат мехезанд.

5. Яке аз далелҳои адолати илоҳӣ ин аст, ки қиёматро барпо мекунад, то ин ки мазлум аз золим ҳаққашро бигираду адолати илоҳӣ ва ҳаёти абадӣ барпо гардад.

6. Хабари илоҳӣ бар ин, ки инсониятро дар беҳтарин шаклу сурат ва дар фитрати солими тавҳидӣ офаридааст, ки манзур аз аҳсанут-тақвим ҳамин аст.

7. Аллоҳи бузург ба ҳар чизе, чи ҳодиса ва ё маконе, ки қасам ёд кунад, ба бузургӣ ва аҳамияти махсуси он таъкид шудааст. Чигунае, ки дар инҷо аз сабаби бобаракатии зиёде, ки дарахтони анҷиру зайтун доранд, ба онҳо қасам ёд кардааст.

8. Исботи 3-номи зебои Аллоҳ:

- **Ал-Ҳоким** (Ҳукмкунанда)

- **Ал-Ҳакам** (Ҳукмбарори одил)

- **Ал-Ҳаким** (бо ҳикмату бо хирад дар тамоми корҳояш).

9. Манзур аз қасам хӯрдан ба анҷир "мулки Шом" ва қасам хӯрдан ба зайтун "Байтулмукаддас" мебошад. Азбаски анҷир ва зайтун бисёр фоидаву баракати зиёде доранд, дар аввали ин сура Аллоҳ ба номи ин дарахтони пурфайзи худ қасам ёд кардааст.

10. Фаҳм ва дарки ибодат кардан ба ин 3-номи илоҳӣ:

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ки ин 3-ном, номҳои илоҳӣ ҳастанд.

2. Исботи сифати **"ҳикмат"** аз ин 3-ном.

3. Маъно ва далолати онҳо: **"ал-Ҳакам"** ва **"ал-Ҳоким"**, миёни бандаҳояш одилона ҳукм мекунад, касеро зулм намекунад ва китобашро барои он нозил кард, ки миёни бандаҳояш ҳоким бошад. Аммо маънои **"Ал-Ҳаким"** ин аст, ки Ӯ таъоло бо ҳикмат ҳукм мекунад, ҳар чизро дар ҷояш мегузорад ва камбудӣ ё хатое дар ҳукмаш вуҷуд надорад.

Хулосаи ин 3-ном ин аст, ки ҳикмати илоҳӣ 3-қисм аст: Дар халқу эҷодаш, дар амрҳои шариъаташ ва дар амрҳои тақдири мавҷудоташ ва ё тасмимгирии бандагон дар ҳамаи умур.

Ба таври хулоса метавон шуфт, ки Ӯ ҳамон зотест, ки дар тақдираш, дар шариъаташ ва барои ҷазои бандагонаш дар рӯзи қиёмат, бо ҳикмати олӣ тасмим мегирад.

Ҳамон зоте, ки ҳар чиро бо некӯтарин ваҷҳ ва ҳикмат офарид, пас чизеро беҳуда наофарида, шариъат нагузошта ва ҳукм накардааст.

**"Ал-Ҳаким"** дар Қуръон 91-бор ва **"ал-Ҳоким"** 5-бор зикр шудааст.

4. Дуъо ва васила кардан ба Аллоҳ ба ин 3-номи зебояш.

5. Амал кардан ба тақозои ин номҳо: Манзур аз амал кардан ба ин ном, ин аст, ки вақте, ки номи **"Ҳаким"**-ро зикр кардааст, ин бадон маънист, ки фард бояд ҳамаи умурашро таслими фармони Аллоҳи ҳаким кунад, зеро ҳамаи умур бар асоси ҳикмати комили Ӯст.

**Сураи Алақ (хуни басташуда)**

(96-умин сура, маккӣ ва дорои 19 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ

ٱقْرَأْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلَّذِى خَلَقَ ﴿١﴾ خَلَقَ ٱلْإِنسَـٰنَ مِنْ عَلَقٍ ﴿٢﴾ ٱقْرَأْ وَرَبُّكَ ٱلْأَكْرَمُ ﴿٣﴾ ٱلَّذِى عَلَّمَ بِٱلْقَلَمِ ﴿٤﴾
عَلَّمَ ٱلْإِنسَـٰنَ مَا لَمْ يَعْلَمْ ﴿٥﴾ كَلَّآ إِنَّ ٱلْإِنسَـٰنَ لَيَطْغَىٰٓ ﴿٦﴾ أَن رَّءَاهُ ٱسْتَغْنَىٰٓ ﴿٧﴾ إِنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ ٱلرُّجْعَىٰٓ
﴿٨﴾ أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يَنْهَىٰ ﴿٩﴾ عَبْدًا إِذَا صَلَّىٰٓ ﴿١٠﴾ أَرَءَيْتَ إِن كَانَ عَلَى ٱلْهُدَىٰٓ ﴿١١﴾ أَوْ أَمَرَ بِٱلتَّقْوَىٰٓ
﴿١٢﴾ أَرَءَيْتَ إِن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰٓ ﴿١٣﴾ أَلَمْ يَعْلَم بِأَنَّ ٱللَّهَ يَرَىٰ ﴿١٤﴾ كَلَّا لَئِن لَّمْ يَنتَهِ لَنَسْفَعًۢا بِٱلنَّاصِيَةِ
﴿١٥﴾ نَاصِيَةٍ كَـٰذِبَةٍ خَاطِئَةٍ ﴿١٦﴾ فَلْيَدْعُ نَادِيَهُۥ ﴿١٧﴾ سَنَدْعُ ٱلزَّبَانِيَةَ ﴿١٨﴾ كَلَّا لَا تُطِعْهُ وَٱسْجُدْ
وَٱقْتَرِب ۩ ﴿١٩﴾

**"[Эй Паёмбар] Бихон ба номи Парвардигорат, ки ҳастиро офарид. Ҳамон Парвардигоре, ки инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва Парвардигорат аз ҳама бузургвортар аст. Ҳамон касе, ки ба василаи қалам навиштанро омӯхт. Ба инсон он чиро, ки намедонист, омӯхт. Чунин нест, ки шумо мепиндоред. Ҳаққо, ки инсон саркашӣ мекунад, баъд аз ин ки худро бениёз ва тавонгар бубинад. Яқинан, бозгашти ҳама ба сӯи Парвардигори туст. Эй Паёмбар, оё дидаӣ он касе, ки аз ибодати Аллоҳ таъоло бозмедорад бандаеро, ҳангоме, ки намоз мехонад. Ба ман хабар бидеҳ, агар ин банда бар роҳи ҳидоят бошад. Мардумро ба парҳезкорӣ фармон диҳад, пас сазои касе, ки чунин бандаеро биёзорад, чист? Ба ман хабар деҳ, агар ин шахси саркаш ҳақро такзиб кард ва рӯйгардон шуд, оё сазовори азоб нест? Оё намедонад, ки бетардид, Аллоҳ таъоло ҳама аъмолашро мебинад? Чунин нест, ки ӯ гумон мекунад.**

**Агар боз наояд [ва даст аз бадӣ барнадорад], ҳатман мӯи пешониашро ба сахтӣ хоҳем гирифт ва ба сӯи дӯзах хоҳем кашонид. Мӯи пешонии ҳамон дурӯғгӯи хатокорро. Пас, бояд ҳаммаҷлисонашро ба кӯмак бихонад. Мо низ оташбонони дӯзахро фаро хоҳем хонд. Чунин нест, ки ӯ мепиндорад. Ҳаргиз ӯро итоат макун ва саҷда кун ва ба Аллоҳ таъоло наздик шав (ояти саҷда)."**

*Иршодоти сура:*

1. Амри илоҳӣ ба хондан ва илмомӯзӣ шурӯъ мешавад ва бо даъвати намозхонӣ ба интиҳо мерасад.

2. Ишора ба ин ки илм ба амал якҷо шавад, фоидарасон аст. Бояд инсон бифаҳмад, ки илми беамал ё амали беилм дар шариъат, фоидаи бояду шоядро дода наметавонад.

3. Хитоб ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, аммо ҳукми он ом аст, яъне, эй инсон, бихон! Аз ҷаҳолат дур шав. Бихон! Аз банди гумроҳӣ баро. Бихон! Худро бишнос. Бихон! Аз ғуломии нафс озод шав. Бихон! Эй инсон, аз ғуломии инсони дигар озод шав. Эй инсони ғофил, бихон...!

4. Хондан ва илмомӯзӣ, шиори асосии Ислом аз лаҳзаҳои аввалини пайдоиши ин дини мубин аст, чун 5-ояти аввали ин сура, аввалин оёте ҳастанд, ки нозил шудаанд.

5. Ин тааҷҷуб як навъ таҳдид ва азоби илоҳиро дар бар мегирад, барои касоне, ки бандагони Аллоҳро аз намозхонӣ боз медоранд. Ин кор бисёр қабеҳу бад аст, чун манъ ва боз доштан аз корҳои хайр, хислати кофирону мунофиқон аст. Чун онҳо на худ ба даргоҳи илоҳӣ сар ба

саҷда мениҳанд ва на дигареро дидан мехоҳанд, ки саҷда ва ё Парвардигорашро ибодат кунад.

6. Аз мақсадҳои сура ин аст, ки камоли банда дар илми шаръӣ доштан ва ба он амал кардан аст.

7. Зикри 6-асбоби илмро бадаст овардан:

- хондан ва ба он амал кардан /- ба хотири Аллоҳ хондан ва аз Ӯ таъоло талаб кардан /- такрор ва мурочиа кардани илм /- ёддошт ва навиштани он /- пурсидани чизеро, ки онро намедонӣ /- гӯш кардани илм.

8. Исботи 2-номи Аллоҳ:

- **Ар-Раб** (Парвардигор) **/** - **Ал-Акрам** (Атокунанда)

9. Исботи 2-сифоти илоҳӣ:

- **Ал-Халқ** (Халққунанда) /- **Ар-Руъя** (Бинанда)

10. Фазилати саҷда, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Наздиктарин ҳолате, ки банда ба Парвардигораш дорад, ин ҳолати саҷда аст. Пас дар он дуъоро зиёд кунед."*** (Саҳеҳи Муслим, 482)

11. Хатари бойигарӣ ва мансабдорӣ, ки эҳтимолан инсонро ба кибру ғурур мебарад ва ӯро аз ҳаққу ҳақиқат дур мекунад, ки баъдан дар ғазаби илоҳӣ гирифтор мешавад.

12. Фиқҳи ибодат ва амал кардан ба 2-номи зебои Аллоҳ: **"ал -Карим"** ва **"ал-Акрам"**.

1. Имону тасдиқ кардан бар ин, ки ин номҳо, номҳои Аллоҳ ҳастанд.

2. Исботи сифати **"ал-Карам"** аз ин 2-ном.

3. Фаҳми маъно ва далолати ин 2-ном:

**"Ал-Карим"** - соҳиби хайру атои зиёд, ба касе чигунае, ки хоҳад чизеро хайру ато мекунад, агарчи аз Ӯ талаби хайру ато карда шавад ё на ва гуноҳонро мебахшаду онҳоро паноҳ медорад.

Аммо **"ал-Акрам"**, бениҳоят карим, дар каримӣ ҳамтое надорад, тамоми хайрҳо аз ҷониби Ӯст, мӯъминонро бо карамаш подош медиҳад, саркашонро мӯҳлат медиҳад ва бо адлу инсоф онҳоро ҳукм мекунад.

Хулоса ин 2-ном, яъне хайри бисёр ва фоидаи бузургоранда, зоте, ки бемуқобил эҳсон мекунад.

Акрам бисёр хайркунанда, ки бо ӯ карим баробар намешавад.

Дар Қуръон исми **Карим** 3-бор омада, аммо исми **Акрам** 1-бор омадааст, ки он ҳам дар ҳамин сура аст.

4. Дуъо кардани Аллоҳ ба ин 2-номи зебои Аллоҳ.

5. Амал кардан ба тақозои ин 2-номи Аллоҳ: Вақте, ки банда маълумот ва илми кофӣ аз ин 2-номи Аллоҳ таъоло ҳосил кард, дар ӯ умури зерин бояд дида шавад:

- Муҳаббати Аллоҳ таъоло, чун тамоми хубиҳо аз караму атои Ӯст.

- Дар баробари Аллоҳи карим адаб ва ҳаёро риоя кардан. Зеро бо вуҷуди нофармонӣ ва гуноҳи зиёд, боз ҳам Аллоҳ таъоло ба мо неъмат ва хубиҳоро фароҳам мекунад.

- Ягона умед ва таваккулро ба Аллоҳи карим кардан ва аз Ӯ таъоло талаби ҳоҷот кардан. Зеро Зотест, ки бениҳоят кариму атокунанда ва Зотест, ки бандаро ба андозаи талабе аз Ӯ мекунад, дӯст медорад.

- Ин 2-ном аз номҳо ва сифоте ҳастанд, ки Аллоҳ дӯст медорад бандагонаш ин ному сифатро дошта бошанд.

***Огоҳӣ дар боби номҳо ва сифоти илоҳӣ.***

Манзур аз ибодат кардан ба василаи номҳо ва сифоти Парвардигор, ин иттилоъ пайдо кардан нисбат ба онҳо ва донистани маъонии онҳо ба таври комил ва амал кардан ба онҳост. Теъдоде аз ҷумлаи номҳо ва сифоти Худованд онҳое ҳастанд, ки бандагон ба онҳо васф мешаванд, монанди илм, раҳмат, адл, карам, бахшиш, қудрат, ҳаё, рифқ (мадоро ё меҳрубонӣ). Гурӯҳи дигар аз номҳо ва сифоти Парвардигор онҳое ҳастанд, ки бандагон ба онҳо накӯҳиш ва сарзаниш мешаванд, монанди улуҳият, ҷабарут, миннат ва такаббур. Ҳамчунин бандагон низ сифоте доранд, ки ба василаи онҳо сутуда мешаванд ва ба онҳо дастур дода мешаванд, аммо тавсифи Аллоҳ ба василаи он сифот мамнӯъ мебошад, монанди бандагӣ, ниёзмандӣ, фақр, талаб кардан ва ғайра. Пас дӯстдоштатарини мардум назди Парвардигор он касест, ки сифоте дошта бошад, ки Аллоҳ онҳоро дӯст дорад ва манфуртарин ва бадтарин фард назди Парвардигор касест, ки дорои сифоте бошад, ки Аллоҳ аз онҳо безор ва мутанаффир бошад.

## Сураи Қадр

(97-умин сура, маккӣ ва дорои 5 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ فِى لَيۡلَةِ ٱلۡقَدۡرِ ﴿١﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ ﴿٢﴾ لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ خَيۡرٌ مِّنۡ أَلۡفِ شَهۡرٍ ﴿٣﴾ تَنَزَّلُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمۡرٍ ﴿٤﴾ سَلَٰمٌ هِىَ حَتَّىٰ مَطۡلَعِ ٱلۡفَجۡرِ ﴿٥﴾

**"Ҳароина, мо он (Қуръон)-ро дар шаби Қадр фурӯ фиристодем. Ва чӣ медонӣ, ки «шаби Қадр» чист? Шаби Қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Дар он шаб фариштагон ва Рӯҳ (Ҷабраил) бо ҳукми Парвардигорашон барои анҷоми ҳар кор фурӯ меоянд. То тулӯъи субҳи он шаб эмину саломат аст."**

*Иршодоти сура:*

1. Аз мақсадҳои сура, баёни азамат, фазилат ва афзалияти шаби Қадр ва Қуръон аст. Дар ҳоле, ки Қуръон каломи Аллоҳ таъолост ва Ӯ таъоло нузулашро ба худ нисбат дода ва дар шаби Қадр онро нозил кардааст.

2. Ишора бар ин ки шаб дар назди Аллоҳ беҳтар аз рӯз аст.

3. Ибни Аббос Аллоҳ аз ӯ розӣ бод, фармуд: "Нузули Қуръон 2-навъ аст:

- *нузули китобӣ, яъне аз Лавҳул-маҳфуз ба осмони дунё дар шаби Қадр.*

- *нузули каломӣ, яъне аз осмони дунё ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар муддати 20-сол мувофиқ ба ҳодисаҳо ва воқеаҳо."* (Ривояти Насоӣ дар Сунани Кубро)

4. Фазли камоли Аллоҳ ба уммати исломист, ки ибодати якшабаро беҳтар аз ибодати 83-солу 4-моҳ қарор дод.

5. Яке аз навъҳои огоҳиву таълим додан бо тарзи суолу ҷавоб.

6. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Касе, ки ибодатҳои шаби Қадрро аз рӯи имону тасдиқ ба аҷру савоби он ва холисона ба хотири Аллоҳ анҷом диҳад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешаванд."*** (Саҳеҳи Муслим, 760)

7. Хабари илоҳист, ки бандагони шабзиндадори Ӯ таъоло дар амну саломатӣ ҳастанд, аз ғуруби офтоби шаби Қадр то тулӯи фаҷр.

8. Хабари илоҳист, ки дар назди Ӯ таъоло баъзе шабҳо, рӯзҳо, маконҳо, вақтҳо, ҳолатҳо ва чизҳое ҳастанд, ки арзиши бузург ва азамати махсусе доранд. Бояд бандаи ҳақиқӣ аз ин фурсатҳо ва имкониятҳо истифодаи бояду шоядро бибарад.

9. Ин сура дар умури зер далел ва ҳуҷҷат мешавад:

- Далел бар афзалияти уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар соири дигар умматон, зеро ибодати як шаб беҳтар аз ҳазор моҳ аҷру савоб дорад.

- Далел бар яке аз роҳҳои таълим гирифтани илм, бо тарзи суолу ҷавоб.

- Далел аст, ки Ҷабраил алайҳиссалом беҳтарини малоикааст, чун бо тарзи хос зикраш омадааст.

- Далел аст, ки солим мондан аз ҳар айбу нақс ба изни Аллоҳ таъолост. Чун ҳамаи амният ва саломатии дунёву ва охират, дар асл ба Аллоҳ бар мегардад ва яке аз номҳои зебояш ас-Салом мебошад.

Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

***اللهُمَّ أنتَ السَّلامُ و منكَ السَّلامُ تباركتَ يا ذا الجلالِ و الإكرامِ***

(صحيح الجامع ٤٧٤٠.)

***"Бор Илоҳо, Ту солим ҳастӣ ва саломатӣ аз ҷониби Туст ва Ту зоти бобаракат, бузург ва бо икром ҳастӣ."*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 4740)

- Далил аст, ки банда барои ба даст овардани раҳмату саломатӣ ва фазли Аллоҳ, бояд ба асбоби шаръӣ ва дунявӣ чанг бизанад.

## Сураи Байййинаҳ (далели ошкор)

(98-умин сура, маккӣ ва дорои 8 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

لَمۡ يَكُنِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ مُنفَكِّينَ حَتَّىٰ تَأۡتِيَهُمُ ٱلۡبَيِّنَةُ ﴿١﴾ رَسُولٞ مِّنَ ٱللَّهِ يَتۡلُواْ
صُحُفٗا مُّطَهَّرَةٗ ﴿٢﴾ فِيهَا كُتُبٞ قَيِّمَةٞ ﴿٣﴾ وَمَا تَفَرَّقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ إِلَّا مِنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَتۡهُمُ ٱلۡبَيِّنَةُ
﴿٤﴾ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ وَيُقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤۡتُواْ ٱلزَّكَوٰةَۚ وَذَٰلِكَ دِينُ
ٱلۡقَيِّمَةِ ﴿٥﴾ إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ فِي نَارِ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ شَرُّ
ٱلۡبَرِيَّةِ ﴿٦﴾ إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ خَيۡرُ ٱلۡبَرِيَّةِ ﴿٧﴾ جَزَآؤُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ جَنَّٰتُ
عَدۡنٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُۚ ذَٰلِكَ لِمَنۡ خَشِيَ رَبَّهُۥ
﴿٨﴾

**"Набуданд касоне, ки кофир шуданд аз аҳли китоб ва мушрикон аз оини худ ҷудошаванда, то он ки биёмад онҳоро ҳуҷҷати ошкор. Расуле аз ҷониби Аллоҳ омад, ки бар онҳо саҳифаҳои покро мехонд. Дар он саҳифаҳо аҳкомест рост ва дуруст. Ва пароканда нашуданд аҳли китоб, магар баъд аз он ки ҳуҷҷати равшан онҳоро омад. Ва фармуда нашуданд, магар он ки Аллоҳро бипарастанд ва бандагиро барои Ӯ холис кунанд, ба роҳу дини ҳақгароён бошанд ва намозро барпо доранд ва закотро бидиҳанд ва ин аст тариқаи дини дуруст. Ба дурустӣ, касоне, ки аз аҳли китоб ва мушрикон, кофир шуданд, дар оташи дӯзах ҷовидон бошанд, онҳо бадтарини халқанд. Ҳароина, ононе, ки имон овардаанд ва корҳои солеҳ карданд, онҳо беҳтарини халқанд. Подоши онҳо назди Парвардигорашон барои сукунати абадӣ бӯстонҳо бошад ва зери он**

**ҷӯйҳо равонанд, дар онҷо ҳамеша ҷовидонанд. Аллоҳ аз онҳо хушнуд шуд ва онҳо аз Аллоҳ хушнуд шуданд. Ин ваъда барои касест, ки аз Парвардигори худ метарсад."**

*Иршодоти сура:*

1. Зикри ду шарти қабули ибодат, ки яке ихлос дар ният ва дуввумӣ, мутобаъат ва пайравӣ аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

2. Ҳақиқати ихлос дар шариъат, ки ин пок кардани қалб аз иродаи ғайри Аллоҳ аст.

3. Далел бар ин ки ният воҷиб аст, маконаш қалб буда ва аз ҷумлаи аъмоли қалбист.

4. Далел аст, ки аъмол бар имон дохил аст ва ҷузъи имон мебошад, чун Аллоҳ бартариро ба касоне дод, ки имон овардаанд ва аъмоли солеҳ анҷом додаанд.

5. Афзалтарин аъмол баъди имону тавҳид, намоз аст, чун ҳаққи махсуси илоҳист. Баъдаш закот аст, чун ҳаққи мол ба махлуқоти илоҳист.

6. Хабари илоҳӣ ба бозгашти ҳамаи некбахтон ва бадбахтон дар охират ба сӯи Ӯ таъоло.

7. Тарсу хавфи илоҳӣ, аз аъмоли қалбист ва сабаби асосии саъодатмандӣ, наҷоти ҳақиқӣ ва ризогии Аллоҳро ба даст овардан мебошад.

8. Хабари илоҳист, ки ононе, ки имон оварданд ва амали солеҳ анҷом доданд, беҳтарин махлуқанд ва аммо ононе, ки куфр варзиданд ва ширк овардаанд, бадтаринанд.

9. Хабари илоҳист, ки мухолифати Қуръон ва роҳи Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам, сабаби бадбахтиву гумроҳист. Чун аҳли китобу мушрикон бо мухолифатӣ, аз ҷумлаи бадтарини махлуқ гаштанд.

10. Зикри манзилати рисолати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва возиҳу комил буданашро баён мекунад.

11. Ин сура дар умури зерин далел мешавад:

- Далел аст, ки яҳудиён ва насрониён то замоне, ки дар дини Ислом ворид нашаванд, кофиранд.

- Далел аст, ки ихлос, дурӣ кардан аз ширк ва рӯй овардан ба Аллоҳ, аз заруриёти дини Ислом ба ҳисоб мераванд.

- Далел аст, ки биҳишту дӯзах халқ шудаанд, чун Аллоҳ бо лафзи ***"омодашуда"***, хабар додааст.

- Далел аст, ки биҳишту дӯзах ҷовидону абадианд.

- Далел аст, ки биҳишт барои касоне омода шудааст ки Аллоҳ аз онҳо розӣ бошад.

- Далел аст, ки тарс аз Аллоҳ таъоло яке аз намудҳои бузургтарини ибодатҳои қалбист. Чунки Аллоҳ тарс аз худашро, шарти дохил шудани ҷаннат қарор додааст.

## Сураи Зилзила

(99-умин сура, маданӣ ва дорои 8 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

إِذَا زُلْزِلَتِ ٱلْأَرْضُ زِلْزَالَهَا ﴿١﴾ وَأَخْرَجَتِ ٱلْأَرْضُ أَثْقَالَهَا ﴿٢﴾ وَقَالَ ٱلْإِنسَٰنُ مَا لَهَا ﴿٣﴾ يَوْمَئِذٍ تُحَدِّثُ أَخْبَارَهَا ﴿٤﴾ بِأَنَّ رَبَّكَ أَوْحَىٰ لَهَا ﴿٥﴾ يَوْمَئِذٍ يَصْدُرُ ٱلنَّاسُ أَشْتَاتًا لِّيُرَوْا۟ أَعْمَٰلَهُمْ ﴿٦﴾ فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُۥ ﴿٧﴾ وَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُۥ ﴿٨﴾

**"Ҳангоме, ки замин бо шадидтарин ларзаҳояш ба ларза дарояд. Ва замин борҳои вазнинро (асҳоби қубурро) берун резад. Ва инсон гӯяд: Он заминро чӣ шудааст? Дар он рӯз замин тамоми хабарҳояшро бозгӯ мекунад, зеро, ки Парвардигорат ба ӯ чунин амр кардааст. Дар он рӯз мардум пароканда (аз мавқифи ҳисоб) боз мегарданд, то аъмолашон ба онҳо нишон дода шавад. Пас ҳар кас ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад, (подоши) онро мебинад. Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад, (ҷазои) онро мебинад."**

*Иршодоти сура:*

1. Ларзаи замин 2-навъ аст:

- ларзидани ҷузъӣ, ки дар ин дунё анҷом мегирад ва аз нишонаҳои охири замон аст.

- ларзидани куллӣ, ки танҳо дар рӯзи қиёмат анҷом мегирад.

2. Нишондиҳандаи шиддат ва вазнинии аҳволи қиёмат.

3. Хабари илоҳист, ки замин шаҳодат медиҳад ба аъмоли хубу бади бандагон, ки ин яке аз нишонаҳои адли илоҳист.

4. Ин сура ҳамааш ҳазаркунонидан ва хавф бар бандагон аст, то ин ки омодагии худро бигиранд.

5. Ташвиқ ба анҷом додани амалҳои хуб, агарчи ин амалҳо ба миқдори як зарра ҳам бошанд ва ҳазар ва дурӣ кардан аз амалҳои бад, агарчи ин амалҳо ба миқдори як зарра ҳам бошанд.

6. Хабари илоҳӣ бар ин ки ҳар як шахс ҳам амали худро мебинад ва ҳам ҷазояшро мегирад. Агар амалаш хуб бошад, пас подоши хубӣ ва агар амалаш бад бошад, пас подоши бадӣ.

7. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Аллоҳ мӯъминонро ба аъмоли ҳасанашон дар дунёву охират подош ва ҷазои хуб медиҳад. Аммо кофиронро ба корҳои хубе, ки анҷом медиҳанд, дар ҳамин дунё насиба ва қисматашонро медиҳад. Аммо дар охират подош ва хубие барои онон нест."*** (Саҳеҳи Муслим, 2808)

8. Ҳолатҳои зикршуда дар ин сура аз умури ғайбанд, ки маҷол ва имконе барои ақл ва ё муқоиса кардан нест. Зеро ин ҳолатҳо аз ақл ва тасаввури башарият боло ҳастанд. Воҷиб ин аст, ки баъди шунидан ва донистани ин масъалаҳо, бояд бе чуну чаро, имон овард, боварӣ кард ва таслим шуд.

9. Ин сура дар умури зер далел аст:

- Далил аст, ки олами ҷамодот, яъне чизҳои беҷон ё олами ғайри ҳайвонот ва наботот ҳам шуъур ва фаҳму дарки худро доранд. Зеро замин ваҳйи илоҳиро баҷо меоварад.

- Далел аст, ки Аллоҳ таъоло қудрату тавони ҳар кореро, ки бихоҳад дорад, аз он ҷумла ба сухан даровардани замин.

- Далел аст, ки мо бояд назар ба хуб ё бад будани амал бикунем, на ба кам ё зиёд буданаш, зеро лафзи зарра бар ин амр далолат ва ишора мекунад.

**Сураи Одиёт (аспҳои даванда)**

(100-умин сура, маккӣ ва дорои 11 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَٱلْعَٰدِيَٰتِ ضَبْحًا ﴿١﴾ فَٱلْمُورِيَٰتِ قَدْحًا ﴿٢﴾ فَٱلْمُغِيرَٰتِ صُبْحًا ﴿٣﴾ فَأَثَرْنَ بِهِۦ نَقْعًا ﴿٤﴾ فَوَسَطْنَ بِهِۦ جَمْعًا ﴿٥﴾ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لِرَبِّهِۦ لَكَنُودٌ ﴿٦﴾ وَإِنَّهُۥ عَلَىٰ ذَٰلِكَ لَشَهِيدٌ ﴿٧﴾ وَإِنَّهُۥ لِحُبِّ ٱلْخَيْرِ لَشَدِيدٌ ﴿٨﴾ ۞ أَفَلَا يَعْلَمُ إِذَا بُعْثِرَ مَا فِى ٱلْقُبُورِ ﴿٩﴾ وَحُصِّلَ مَا فِى ٱلصُّدُورِ ﴿١٠﴾ إِنَّ رَبَّهُم بِهِمْ يَوْمَئِذٍ لَّخَبِيرٌۢ ﴿١١﴾

**"Савганд ба аспҳои даванда, ки нафасзанон (ба сӯи майдон) пеш мерафтанд. Ва савганд ба аспҳое, ки (дар асари задани сумашон ба сангҳо) оташ меҷаҳонанд, пас савганд ба аспҳое, ки бомдодон ҳуҷум оваранд, пас дар он ҳангом гарду ғубор барангезанд. Ва дар онҷо ҳамаро дар миён гиранд, ҳамоно инсон дар баробари (неъматҳои) Парвардигораш бисёр носипос аст. Ва бегумон ӯ бар ин (носипосӣ) гувоҳ аст. Ва ҳамоно ӯ алоқаи фаровон ва шадиде ба мол дорад. Оё ӯ намедонад, ки чун он чи дар гурҳост, (ҳама зинда ва) барангехта шаванд? Ва он чи дар дилҳо ҳаст (ҳама) ошкор гардад. Яқинан дар он рӯз Парвардигорашон ба (вазъу ҳоли) онҳо комилан огоҳ аст."**

*Иршодоти сура:*

1. Хабари илоҳӣ бар ин ки дар табиати инсонӣ, аслан кибру ғурур ва инкори неъматҳо нуҳуфтааст, ба ҷуз инсонҳое, ки Аллоҳ онҳоро муваффақ ва ҳидоят кардааст.

2. Зикри инсони "лакануд", яъне касе, ки неъматҳои илоҳиро фаромӯш мекунад ва сари вақт онҳоро қадр намекунад. Пас аз даст додани

неъмат, баъдан пушаймон мешавад, ки мутаассифона дигар фоидае надорад...

3. Шукр ҳамчун самараи имон намудҳои зиёд дорад:

- шукри лафзӣ, ҳамеша гуфтани Алҳамдулиллоҳ

- шукри феълӣ, аз неъматҳои мавҷуда шукргузорӣ кардан

- шукри боигарӣ, дастгирӣ ба дигарон, додани закоту садақот ва амсоли ин

- шукри тавоноӣ, кумаки заифон

- шукри илм, амал кардан ва онро ба дигарон расондан

- шукри қалбӣ ва эътиқодӣ, неъматҳои мавҷударо кам надонистан ва ҳама неъматҳоро аз ҷониби Аллоҳ донистан, ба онҳо қонеъ шудан ва ба неъмати дигарон ҳасад ва бахилӣ набурдан.

4. Ҳасад нишонаи норозигӣ ба неъматҳоест, ки Аллоҳ ба он банда додааст.

5. Аҳамият додан ба амалҳои қалбӣ, хусусан нияти холисона ва як кардани гуфтору рафтор бо ният, зеро дар рӯзи қиёмат ҳама чиз ошкор мешавад.

6. Огоҳӣ ба ислоҳ намудани ҳирс ва ислоҳи муҳаббат ба молу мулки дунё.

7. Зикри мол дар инҷо тааллуқ ба умури дунявист, яъне молдорӣ хуб аст ба шарте, ки бо роҳи ҳақ ба даст омада ва дар роҳи ҳақ сарф карда шавад. Дар ғайри ин сурат фитнаву шарраст.

8. Исботи номи Аллоҳ **"ал-Хабир"** (Хабардору огоҳ). Мақсад аз хабардор будани Аллоҳ дар инҷо, огоҳ ва хабардор будан аз аъмолу ният ва подоши аъмолу ният мебошад.

9. Фиқҳ ва фаҳми ибодат кардан ба номи **"ал-Хабир"**.

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ки **"ал-Хабир"** яке аз номҳои илоҳист.

2. Исботи сифати ал-хибра аз ин ном.

3. Фаҳми маъно ва далолати он: Зоте, ки огоҳӣ ва илми Ӯ, чизҳои пинҳон ва пӯшидаро иҳота мекунад, ҳамчуноне, ки чизҳои ошкорро иҳота намуда ва аз тамоми умур огоҳу бохабар аст.

Ин ном дар Қуръон 45-бор зикр шудааст.

4. Дуъо кардани Аллоҳ ба ин ном.

5. Амал кардан ба талаботи ин номи зебо.

Вақте, ки банда умури болоро ба хубӣ аз худ кард, бояд дар ӯ осори зерин дида шаванд:

- Ихлос бояд дар гуфтору гирдор бошад, чун имон дорад, ки Аллоҳ таъоло бохабар аст.

- Лозим ва ба ӯҳда гирифтани тоъати Аллоҳ ва Расулаш, зеро фармудаи Ӯ таъолост, ки:

وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۚ وَٱللَّهُ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ

**"... ва аз Аллоҳ таъоло ва Паёмбараш итоат кунед ва Аллоҳ таъоло ба он чи мекунед, огоҳ аст."** (Муҷодала, 13)

- Адолатро риоя кардан ва муроқабати Ӯ таъоло кардан, чун фармудааст:

ٱعۡدِلُواْ هُوَ أَقۡرَبُ لِلتَّقۡوَىٰۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ

**"... адолат кунед, ки ин кор ба парҳезкорӣ наздиктар аст ва аз Аллоҳ битарсед, ки бетардид, Аллоҳ таъоло ба он чи анҷом медиҳед, огоҳу бо хабар аст."** (Моида, 8)

**Сураи Қориъа (сахт кӯбанда)**

(101-умин сура, маккӣ ва дорои 11 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

ٱلۡقَارِعَةُ ﴿١﴾ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ﴿٢﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ﴿٣﴾ يَوۡمَ يَكُونُ ٱلنَّاسُ كَٱلۡفَرَاشِ ٱلۡمَبۡثُوثِ ﴿٤﴾
وَتَكُونُ ٱلۡجِبَالُ كَٱلۡعِهۡنِ ٱلۡمَنفُوشِ ﴿٥﴾ فَأَمَّا مَن ثَقُلَتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٦﴾ فَهُوَ فِي عِيشَةٖ رَّاضِيَةٖ ﴿٧﴾ وَأَمَّا
مَنۡ خَفَّتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ﴿٨﴾ فَأُمُّهُۥ هَاوِيَةٞ ﴿٩﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا هِيَهۡ ﴿١٠﴾ نَارٌ حَامِيَةُۢ ﴿١١﴾

**“Ал-Қориъа (сахт кӯбандаи дилҳо). Чист он сахт кӯбанда? Ва ту чӣ донӣ, ки сахт кӯбанда чист? Рӯзе, ки мардум монанди парвонаҳои пароканда бошанд. Ва кӯҳҳо монанди пашми рангини ҳаллоҷишуда бошанд. Аммо шахсеро, ки палаи тарозуи ҳасаноти ӯ вазнин шавад, пас ӯ дар зиндагии хушнуду писандида бошад. Ва аммо шахсеро, ки палаи некӯии ӯ сабук шуд, пас ҷои ӯ Ҳовия (дӯзах) бошад. Ва ту чӣ донӣ, ки (Ҳовия) чист? Оташи сӯзон (ва шӯълавар) аст."**

*Иршодоти сура:*

1. Ал-Қориъа, яке аз номҳои қиёмат аст ва ал-Ҳовия, яке аз номҳои дӯзах.

2. Мурод аз чӣ чиз дононд туро, ин аз як тараф барои тарсонидани мардум бошад, аз тарафи дигар, барои шавқмандии мардум дар шинохти аҳволи қиёмат аст.

3. Хабари илоҳӣ бар ҳоли одамон дар қиёмат ва тақсим шудани онҳо дар он рӯз ба ду гурӯҳ, некбахт ва бадбахт.

4. Ояти 10-ум, яъне **"Ва ту чӣ донӣ, ки Ҳовия чист"**, ояти саволист, дар ҳоле, ки ҷавоби ин савол ба Аллоҳ таъоло маълум аст. Инҷо мурод аз савол, таъкиди бодаҳшат, боҳайбат ва хеле сахт будани аҳволи гунаҳкор дар ҷаҳаннам аст.

5. Хабари Аллоҳ барои наҷоти мӯъминоне, ки амалҳои солеҳашон дар тарозу вазнинтар аст.

6. Ишора бар ин ки бояд мӯъмин амалҳои солеҳро то ҳадди имкон зиёд анҷом диҳад, чун сабаби наҷотанд.

7. Исботи мизон ё тарозу барои номаи аъмол дар рӯзи қиёмат.

8. Дар ояти 6 ва 8 ишора бар ин аст, ки дар рӯзи қиёмат дар мизон, аъмол баркашида мешаванд.

9. Ин сура дар умури зерин далел аст:

- Далел бар ин, ки барпо шудани қиёмат хеле даҳшатнок ва ҳолати вазнин аст.

- Далел аст, ки яке аз услуби фаҳми масоил, ин бо услуби савол ва ҷавоб аст.

- Далел бар яке аз анвоъи тафсири Қуръон аст ва он ҳам тафсири Қуръон бо Қуръон.

- Далил аст, ки инсонҳо дар қиёмат 2-гурӯҳанд, ҷаннатӣ ё дузахӣ.

- Далел аст, ки тарозуи аъмол ҳақ аст ва имон овардан ба он аз воҷиботи динист.

- Далел аст ба ҳақиқат будани ҷаннат ва дӯзах, зеро хабари илоҳист.

## Сураи Такосур (зиёдталабӣ)

(102-юмин сура, маккӣ ва дорои 8 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

أَلۡهَىٰكُمُ ٱلتَّكَاثُرُ ﴿١﴾ حَتَّىٰ زُرۡتُمُ ٱلۡمَقَابِرَ ﴿٢﴾ كَلَّا سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ﴿٣﴾ ثُمَّ كَلَّا سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ﴿٤﴾ كَلَّا لَوۡ تَعۡلَمُونَ عِلۡمَ ٱلۡيَقِينِ ﴿٥﴾ لَتَرَوُنَّ ٱلۡجَحِيمَ ﴿٦﴾ ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيۡنَ ٱلۡيَقِينِ ﴿٧﴾ ثُمَّ لَتُسۡـَٔلُنَّ يَوۡمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ﴿٨﴾

**"Шуморо ҳирси афзунталабӣ машғулу ғофил сохт. Ҳатто ба гӯристонҳо расидед ва қабрҳоро зиёрат кардед. Не - не, (бояд ба ҳуш бошед), зуд аст, ки хоҳед донист. Боз ҳам не – не, зуд аст, ки (фарҷоми афзунталабиро) хоҳед донист. Не - не, агар ба илми яқин бидонед. Албатта дӯзахро хоҳед дид! Баъд аз он, албатта ҷаҳаннамро бо чашми яқин хоҳед дид! Сипас, дар он рӯз аз неъматҳо, албатта пурсида хоҳед шуд!"**

*Иршодоти сура:*

1. Вақте, ки инсоният машғули дунёи фонӣ мешавад, дунёи боқӣ ва мақсади офаринишашро, ки ҳамон тавҳид ва ибодат аст, фаромӯш месозад, аз ин сабаб дар ин сура барои манъ ва огоҳ кунонидан, баъзе калимаҳо такрор омадаанд.

2. Инсонро урфу одатҳои замона, пойбандӣ ба нангу номуси мардум, ҳавасҳои дунявӣ, даромади зиёд ва амсоли инҳо машғул мекунад ва водор месозад то амалҳои ғайришаръиро бар худ раво бубинад. Ин оятҳо барои ингуна инсонҳо панду насиҳат ва сарзанишу таҳдиданд.

3. Бойигарии ин дунё хуб аст, лекин набояд дар он зиёдаравӣ кард ва он низ бояд тибқи шариъат сарф карда шавад.

4. Аллоҳ дар ин сура қабрро ҳамчун зиёратгоҳ зикр кардааст, зеро дар асл қабр макони зиёрат аст на макони охират ва инсон то барпошавии қиёмат дар қабр аст ва баъдан ба макони охират меравад.

5. Дар шариъат муҳаббати шаҳват, молу мулк, зану фарзанд ва ҷоҳу обрӯ манъ нест, балки пайравӣ аз шаҳват манъ карда шудааст.

6. Мартабаи идрок ва фаҳмиш дар Қуръон 3-тост:

- Илми яқин, ки ин донистан ва маълумоти собит ва пойдор дар қалб аст. Яъне яқин доштан дар робита бар як мавзӯъ ё масъалае.

- Айни яқин, ин донистан ва дарки ҳақиқат тавассути ҳиссиёт. Яъне замоне, ки инсон ба таври комил дар чизе, ки илми яқин дошт, ҳис мекунад ва ё шоҳиди иҷрои он амал мешавад.

- Ҳаққи яқин, ҳамчун охирон дараҷаи дарк ва фаҳмиш, ки ин донистанӣ ва ё маълумотест, ки баъд аз таҷрибаи илми яқин ва айни яқин дар шахс эҷод мешавад ё ба истилоҳе дар ҳолате, ки худи шахс онро таҷриба мекунад.

*Масалан мартабаҳои фаҳмиш ва дарк дар мавзӯъи маргро мешавад чунин шарҳ дод:*

- Илми яқин, инаст, ки мо ҳама яқин дорем, ки мемирем.

- Айни яқин, ин замонест, ки мо шоҳиди марги дигаронем.

- Ҳаққи яқин, ин замонест, ки ин дар худи мо рух медиҳад, яъне рӯзе, ки худамон мемирем.

7. Хатари гирифтор шудан ба ҳирс ё зиёдталабӣ. Зеро ҳарисӣ, орзуи аз ҳад зиёд ва тамаъкорӣ инсонро дар дунё ба ранҷу кулфатҳо гирифтор мекунад ва фаромӯш кардани Аллоҳ натиҷаи аз ҳама бадтарини ҳирс аст. Парвардигор дар ин оят такроран хабар медиҳад, ки ин гуна амалҳо дар охират ҳеҷ фоидае надоранд ва натиҷаи чунин амалҳоро инсон ба зӯди дар вақти марг хоҳад донист.

8. Аллоҳ боз таъкидан дар ҷавоби қасамҳои худ фармудааст, ки эй касоне, ки ба неъмату мансаби дунё мағрур шудаед, эй касоне, ки Аллоҳу қиёматро фаромӯш кардаед, эй касоне, ки машғул ба ҳавову ҳаваси нафси худ ҳастед ва эй инсонҳое, ки ба як маблағи ночиз дину диёнататонро фурӯхтаед, албатта огоҳ бошед, ки барои шумо ҷаҳаннам бо тамоми азобҳояш омодааст ва онро яқинан бо чашм хоҳед дид!

9. Воҷиб будани шукронаи неъматҳои мавҷуда, аз қабили бойигарӣ, саломатӣ, амният, зану фарзанд ва ғайра, зеро ки аз ҳамаи инҳо пурсида хоҳад шуд.

10. Хатари фахр кардан ба мол, ба фарзанд ва ба ҷоҳу мақом.

11. Хатари пайравӣ аз ҳавову ҳавс, чун инсонро ба дӯзах мебарад.

12. Ин сура дар умури зерин далел аст: Далел аст, ки қабр охирон макони инсон нест, зеро баъд аз қабр баъс аст, яъне зинда шудани баъд аз марг. Ба ҳамин тариқ, оят ба зиёратгоҳ будани қабр ишора ва далолат мекунад. Далел аст, ки агар инсон ба сабаби моли дунё охираташро фаромӯш кунад, ҳалок мешавад ва аз тамоми неъматҳои илоҳӣ дар қиёмат пурсида мешавад. Далел аст, ки мақсад аз илм, ин амал кардан ба талаботи он аст.

## Сураи Аср (замон)

(103-юмин сура, маккӣ ва дорои 3 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَٱلْعَصْرِ ﴿١﴾ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَفِى خُسْرٍ ﴿٢﴾ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلْحَقِّ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلصَّبْرِ ﴿٣﴾

**«Қасам ба замон, ки албатта инсон (дар зиндагияш) дар зиён аст. Магар ононе, ки имон оварданд ва корҳои нек карданд ва якдигарро ба (дини) ҳақ насиҳату васият намуданд. Ва якдигарро ба сабр (шикебоӣ) супориш намуданд.»**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура сабаби саодатмандӣ, шақоватмандӣ, василаи наҷот ва зиёни инсонро маълум менамояд.

2. Имом Шофеъӣ раҳимаҳуллоҳ мегуяд: *«Агар ҳамаи инсоният ба ин сура фикр мекарданд, барояшон кофӣ буд.»*

3. Аср гуфта намози асрро гӯянд, ки он афзали намозҳост ё замон ва мӯҳлатеро гӯянд, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад.

4. Аҳамияти вақту замон дар зиндагӣ, чун бо вақт мешавад, ки ҳақиқати инсонро шинохт. Яъне тавассути вақт хуб ё бад будани инсон мушаххас карда мешавад. Инчунин замонро мешавад ҳамчун киштзори охират маънидод кард.

5. Чаҳор сифати наҷотёфтагон аз хусрон ва ҳалокат:

- Имон овардан, ки аслу камолаш ба илм аст.

- Амалҳои солеҳ кардан.

Бо ин ду, инсон нафси худро комил мекунад.

- Якдигарро ба роҳи ҳақ насиҳат кардан.

- Якдигарро ба сабру таҳаммул насиҳат кардан.

Бо ин дуи дигар инсон боқимонда амалҳояшро ислоҳ мекунад.

6. Хабари илоҳист, ки касе, ки худро ба ин сифатҳои чаҳоргона ороста месозад ва ба комилу пурра кардани онҳо мекӯшад, чунин шахс гӯё иҷрои ҳаққи Аллоҳ ва ҳаққи бандагии Аллоҳро дар худ ҷамъ намудааст.

7. Амали солиҳ дар шариъат 2-шарт дорад: Аввал бояд холис ба хотири Аллоҳ анҷом дода шавад ва дуввум бояд мувофиқи суннати Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад.

8. Дар инҷо амали солеҳ анҷом додан, тарки амалҳои баду гуноҳро низ дарбар мегирад. Чун тарк кардани амалҳои бад, яке аз сифатҳои инсони солеҳ зикр шудааст.

9. Яке аз тавзеҳоти сабр, ин нигоҳ доштани нафс аз корҳоест, ки анҷомашон шоиста нест ва сабр бар 3- қисм тақсим мешавад:

Сабр дар тоъати Аллоҳ, сабр дар ҳаромшудаҳо ва дар тақдироти илоҳӣ.

10. Ин сура дар 4-умури зер далел аст, ки ёдгириашон бар мо воҷибанд.

1. Илм - яъне шинохти Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, Паёмбар саллаллоҳу

алайҳи ва саллам ва дини Ислом. Зеро Аллоҳро бояд бо илму дониш шинохт ва парастиш намуд, на бо ҷаҳлу нодонӣ. Касе, ки чунин амал нанамояд, яъне бидуни илм даъвои шинохт ва парастиши илоҳиро

дошта бошад, сарнавишти ӯ ба сӯи гумроҳӣ ва дар ин амр ҳаммонанди масеҳиён хоҳад буд.

2. Амал - касе чизеро бидонад, аммо ба он амал накунад, ҳаммонанди яҳудиён хоҳад буд. Зеро онҳо илм доштанд, аммо ба он амал намекарданд. Яке аз ҳилаҳои шайтон он аст, ки инсонро аз илм дур мекунад, то инсон дар пешгоҳи Аллоҳ ба василаи ҷаҳлу нодониаш узру баҳона биёварад. Инсон намедонад, ки ҳар касе тавоноии ёдгирӣ дошта бошад, аммо онро анҷом надиҳад, дар ҳақиқат ҳуҷҷат бар ӯ тамом шудааст. Қавми Нӯҳ алайҳиссаллом ин ҳиларо дар пеш гирифта буданд, яъне ангуштҳояшонро дар гӯшашон фурӯ бурданд, либосҳояшонро поён оварданд ва сарашонро комилан пӯшониданд ё ба истилоҳе ҳилагарӣ карданд, то ҳуҷҷат бар онҳо иқома нашавад.

3. Даъват ба сӯи Аллоҳ бар асоси ҳикмати шариъат. Зеро донишмандон ва даъватгарон ворисони Паёмбарон ҳастанд. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло Бани Исроилро лаъну нафрин кард, зеро онҳо ҳамдигарро аз кори хилоф наҳй намекарданд ва ҳатто ҷамъе аз некони онҳо, бо сукуту созишкорӣ афроди гуноҳкорро амалан ташвиқ мекарданд. Ба ин тартиб барномаи аъмоли онҳо бисёр зишт ва нописанд буд. Даъват кардани мардум ба сӯи Аллоҳ ва омӯзиш додан, фарзи кифоя аст, яъне агар гурӯҳе аз мардум онро анҷом доданд, ҳеч кас гунаҳкор нахоҳад буд. Аммо агар ҳамаи мардум аз анҷоми он сар боз бизананд, ҳамагӣ гунаҳкоранд.

4. Доштани сабру бурдборӣ дар мушкилот ва озорҳо.

Дар ҳамаи мароҳил ёдгирӣ, амал кардан ба он таъолим ва даъват кардан ба сӯи он воҷиб аст.

## Сураи Ҳумаза (айбҷӯ)

(104-умин сура, маккӣ ва дорои 9 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

وَيۡلٞ لِّكُلِّ هُمَزَةٖ لُّمَزَةٍ ﴿١﴾ ٱلَّذِي جَمَعَ مَالٗا وَعَدَّدَهُۥ ﴿٢﴾ يَحۡسَبُ أَنَّ مَالَهُۥٓ أَخۡلَدَهُۥ ﴿٣﴾ كَلَّاۖ لَيُنۢبَذَنَّ فِي ٱلۡحُطَمَةِ ﴿٤﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡحُطَمَةُ ﴿٥﴾ نَارُ ٱللَّهِ ٱلۡمُوقَدَةُ ﴿٦﴾ ٱلَّتِي تَطَّلِعُ عَلَى ٱلۡأَفۡـِٔدَةِ ﴿٧﴾ إِنَّهَا عَلَيۡهِم مُّؤۡصَدَةٞ ﴿٨﴾ فِي عَمَدٖ مُّمَدَّدَةِۭ ﴿٩﴾

**"Вой бар ҳар ғайбаткунандаи айбҷӯ! Оне, ки ҷамъ кард молро ва шуморид ва онро нигоҳ дошт. Мепиндорад, ки молаш ӯро ҷовидон мегардонад. Не - не, албатта ӯ дар Ҳутамаҳ андохта мешавад. Ва ту чӣ медонӣ, ки Ҳутамаҳ чист? (Он) Оташи афрӯхтаи илоҳист, ки ба дилҳо ғолиб шавад. Албатта, он оташ аз ҳар тараф бар онҳо гумошта шудааст, дар иҳотаи сутунҳои баланди оташин ва паси дарҳои маҳкам қарор гирифтаанд."**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура бо калимаи вайл, ки далолат бар азоби сахт мекунад, шурӯъ мешавад ва мазмуни дуъои бадро ҳам дорад.

2. Хабари Аллоҳ бар азоби сахт барои шахсоне, ки мардумро айб мегиранд, обрӯи онҳоро мерезонанд, таъна зада масхара мекунанд ва шарманда месозанд.

3. Ҳаром будани айбҷӯӣ ва масхара кардан, чун Аллоҳ таъоло ваъдаи азоби сахт додааст.

4. Аҳамияти иззату обрӯи инсон ва риояти ҳуқуқи он дар шариъат.

5. Ҳирс ва ҷамъ кардани мол, сababи дурӣ ва ғафлат аз ибодати Аллоҳи бузург мешавад.

6. Мақсад аз ҳикоят ва баёни Аллоҳ аз оқибати айбҷӯӣ, масхара кардан, гумоне оне, ки гӯё зиндагии ин дунё доимӣ бошад ва ҷамъ кардани мол, барои гӯш кардан, хондан ва ё нақл кардан нест, балки барои дурӣ ва ҳазар аз ингуна сифатҳост.

7. Калимаи "калло", шадидан манъу ҳушёрӣ дода, фармудааст, ки онҳое, ки чунин сифат доранд, бояд аз ин кирдору фикри нодурусти худ боз гарданд. Агар боз нагардандy худро ислоҳ насозанд, ҳатман онҳо сазовори азоби оташи илоҳиро доранд.

8. Аз куҷо медонӣ, ки чист он Ҳутамаҳ? Ин хитоб як навъ таҳдид ва ваъид аст ва бо шунидани ин савол, дар дили инсон ҳисси изтиробу тарс пайдо мешавад.

9. Хабари илоҳӣ бар расидани оташ дар дилҳо 2-ишора дорад:

- шиддати азобу дард, чун аз лиҳози ҳис ва дарки азоб, дил ҷои нозуктарини бадан аст.

- макони тасмим ва иродааст, ки бандаро сазовори азоб кардааст.

10. Фаҳм ва дарк кардани ояти 6-ум, (نار الله) **"Оташи барафрӯхтаи илоҳӣ"**. Ин намуди оятҳо дар забони арабӣ "музоф ва музофун илайҳӣ" гуфта мешаванд, яъне ба лафзи Аллоҳ изофа шудани калимаеро гӯянд. Изофа шудан ба номҳои Аллоҳ 2-навъанд, яке изофаи аъён ва дигаре изофаи сифот ва маъонӣ.

1. Изофаи аъён ё аёнӣ, ин изофаи чизҳоест, ки ба зоти худ қоиманд ва зоҳиран ё ба истилоҳе бо чашми сар дида мешаванд. Яъне ҳар вақто ба

номи Аллоҳ чизҳое изофа шаванд, ки ба зоти худаш қоим бошанд, инро изофаи аъён гӯянд. Мисли нисбат додани халқ ва эҷод аз боби ташриф ва таъзим ва ё аз боби азамат, бузургӣ ва тарс.

Масалан:

هَٰذَا خَلۡقُ ٱللَّهِ

**"Ин офариниши Аллоҳ таъолост..."** (Луқмон,11) Инҷо нисбат додани халқи Аллоҳ ба Аллоҳ аст, яъне аз боби камол, устуворӣ, тартиб ва танзими хилқат.

Ё ба номи Аллоҳ аз боби ташриф, таъзим ва инояти хоси илоҳӣ, изофа карда мешавад.

Масалан:

هَٰذِهِۦ نَاقَةُ ٱللَّهِ لَكُمۡ ءَايَةٗۖ

**"... Ин модашутури Аллоҳ таъоло бароятон муъҷизаест..."** (Аъроф, 73)

Ҳамчунин фармудаи дигари Аллоҳ таъоло:

وَطَهِّرۡ بَيۡتِيَ لِلطَّآئِفِينَ وَٱلۡقَآئِمِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ

**"... Ва хонаамро барои тавофкунандагон, қиёмкунандагон, рукуъкунандагон ва саҷдакунандагон пок гардон."** (Ҳаҷ, 26) Дар ин оят Аллоҳ аз боби азамат, хонаи Каъбаро бар худ изофа кард. Ва аз боби тарс ва ҳайбат ояти 6-уми ҳамин сура, яъне лафзи норул-лоҳ ё оташи барафрӯхтаи илоҳӣ, ба номи Аллоҳ изофа карда шудааст.

2. Изофаи сифот ва маъонӣ, ки маъно ва сифотеро гӯянд, ки ба номи Аллоҳ изофа карда мешавад. Ин далолат бар исботи сифате мекунад, ки

лаёқати илоҳиро дорад, зеро ба зоти худ қоим нест. Мисли илм, ҳаёт, қудрат, самъ, басар, ваҷҳ, ядайн ва ғайра.

Далел фармудаи Аллоҳ таъоло:

**بَلْ يَدَاهُ مَبْسُوطَتَانِ يُنفِقُ كَيْفَ يَشَآءُ**

**"... Балки ҳар ду дасти Ӯ таъоло кушодааст ва ҳар гуна, ки бихоҳад, инфоқ мекунад..."** (Моида, 64)

Ҳамчунин:

**وَيَبْقَىٰ وَجْهُ رَبِّكَ ذُو الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ**

**"Ва рӯи Парвардигори ту, ки Аллоҳи бузургӣ ва икром аст, боқӣ бимонад."** (Раҳмон, 27) Воҷиб аст, ки дар ҳоли исботи сифатҳои илоҳӣ, онҳоро бе мислу монанд, бе ташбеҳ, бе таъвил ва дигар кардан ё иваз кардан, қабул кард. Зеро Аллоҳ таъоло дар сифатҳояш комил, якка ва ягона аст ва инчунин шарике надорад.

Бидон, Аллоҳ раҳмат кунад мо ва шуморо, ки изофа намудан ё нисбат додан аз сифоту маъонӣ ва аъён ба номҳои Аллоҳ, яке аз қоидаҳои муҳими илми Аллоҳшиносист, ки барои ҳар мусалмон ҳатмӣ ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

## Сураи Фил

(105-умин сура, маккӣ ва дорои 5 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

أَلَمۡ تَرَ كَيۡفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصۡحَٰبِ ٱلۡفِيلِ ﴿١﴾ أَلَمۡ يَجۡعَلۡ كَيۡدَهُمۡ فِي تَضۡلِيلٖ ﴿٢﴾ وَأَرۡسَلَ عَلَيۡهِمۡ طَيۡرًا أَبَابِيلَ ﴿٣﴾ تَرۡمِيهِم بِحِجَارَةٖ مِّن سِجِّيلٖ ﴿٤﴾ فَجَعَلَهُمۡ كَعَصۡفٖ مَّأۡكُولِۭ ﴿٥﴾

**"Оё надидӣ, ки чӣ гуна муомила кард Парвардигори ту ба асҳоби Фил? Оё макрашонро ботил насохт? Ва бар зидди онҳо гурӯҳ-гурӯҳ паррандагонро фиристод. Сангрезаҳои аз гили пухтаро бар сари онҳо меафканданд. Пас, онҳоро монанди коҳи нимхӯрда (поймолшуда) гардонид."**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура аз қиссаи “Асҳоби фил”, ки онҳо қасди вайрон кардани Каъбаро доштанд, сухан мекунад, ки Аллоҳ таъоло кӯшишу меҳнаташонро бар зиёни худашон гардонид. Ин воқеа ба гуфтаи муаррихин дар соли 570-уми мелодӣ ба вуқӯъ пайваст, ки ба соли таваллуди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мутобиқ аст. Дар мулки Яман ҳокиме буд бо номи Абраҳатул Ашрам ва ӯ дар вилояти Санъо ибодатхонае бунёд карду зиёраткунандагони "Байтуллоҳ"-ро ба зиёрати он бутхона бо зӯрӣ ҷалб карданӣ шуд. Вақте мардум аз ӯ итоат накарданд, қасди вайрон кардани Каъбаро гирифт ва бо лашкари худ ба тарафи Макка рафт.

2. Аллоҳи бузург ин қиссаро барои бандагонаш бо мақсади панду ибрат бо хитоби "оё намедонед?", шурӯъ кардааст.

3. Ин қисса нишондиҳандаи қудрати Аллоҳ таъоло бар ҳимояи хонаи худ мебошад.

4. Хабари илоҳист, ки агар касе бандагонашро аз зиёрати хонааш монеъ шавад, ҳатман Аллоҳ ӯро ба азобе гирифтор мекунад.

5. Як навъ огоҳӣ ва итминони илоҳист, ки Аллоҳ таъоло ҳатман душманони дини худро рӯзе аз рӯзҳо бо ҳикмати худ аз байн мебарад.

6. Монеъ шудан аз зиёрати Каъбатуллоҳ ё ба қасди бад рафтан ба сӯи он, сабаби азоби илоҳӣ мегардад. Чун Аллоҳ таъоло ваъдаи азоби сахт додааст. (Далел: Сураи Ҳаҷ, 25)

7. Мазмуни қисса ишора бар эҳтиром ва таъзими хонаи Аллоҳро мекунад.

8. Ин сура дар умури зер далел мешавад:

- Далел аст бар соли таваллуди Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам.

- Далел аст бар ин ки макру ҳилаи душманони дини Ислом, бар зидди худи онҳост.

- Далел аст бар қудрати Аллоҳ таъоло, ки душмани роҳи худро ба тарзе, ки ҳикмати илоҳӣ тақозо мекунад, дар вақти муносиб аз байн мебарад.

- Далел аст, ки Аллоҳ таъоло ҳар золиму мутакаббирро саранҷом ба сазои аъмоле, ки шоистаи ӯст, мерасонад.

- Далел аст, ки банда бояд аз роҳҳо ва корҳое, ки сабаби ҳалокатанд, дурӣ кунад.

**Сураи Қурайш**

(106-умин сура, маккӣ ва дорои 4 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

لِإِيلَٰفِ قُرَيۡشٍ ﴿١﴾ إِۦلَٰفِهِمۡ رِحۡلَةَ ٱلشِّتَآءِ وَٱلصَّيۡفِ ﴿٢﴾ فَلۡيَعۡبُدُواْ رَبَّ هَٰذَا ٱلۡبَيۡتِ ﴿٣﴾ ٱلَّذِيٓ أَطۡعَمَهُم مِّن جُوعٖ وَءَامَنَهُم مِّنۡ خَوۡفِۭ ﴿٤﴾

**"Барои улфат додани (қабилаи) Қурайш, улфат додани онҳо дар сафари зимистону тобистон. Пас бояд, ки Парвардигори ин хонаро (яъне Каъбаро) ибодат кунанд. Он ки ба онҳо (ҳангоми гуруснагӣ) таом дод ва ба онҳо (ҳангоми тарс) амн дод."**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура аз неъматҳои бузурги Аллоҳ таъоло, ки ба аҳли Макка насиб гардонидааст, сухан мекунад.

2. Аҳолии атрофи Каъбаро асосан қабилаи Қурайш ташкил мекард ва онҳо хизмати ҳоҷиёнро адо мекарданд.

3. Аҳли Макка, ки дар асл тоҷир буданд, ба тарафи Яман ва Шом барои тиҷорат сафар мекарданд. Ин сура дар хусуси сафарҳои онҳо ва аз ҷониби тамоми мардум соҳиби эҳтиром будани онҳо низ сухан мекунад.

4. Миннату тазаккури Аллоҳ ба 2- неъмати бузурге, ки ба онҳо инъом намудааст. Яке бойигарӣ ва фарохдастӣ, дигаре амн ва бехатарӣ аз намудҳои гуногуни хавф.

5. Ишора ба қабилаи Қурайш, ки қабилаи писандида ва азиз буданд, чун Аллоҳ таъоло Пайғамбари охиринашро аз он қабила интихоб намуд.

Инчунин онҳоро аз авлоди Иброҳими халилуллоҳ алайҳиссалом ба дунё овард ва аз дуъои бобаракати он ҳазрат файзбор гардонид.

6. Аллоҳ таъоло дар сураи Фил зикр мекунад, ки барои таъмини амнияти Каъба ва қабилаи Қурайш, асҳоби "Фил"-ро ҳалок кард.

7. Хулоса, Аллоҳ дар оятҳои 1 ва 2 неъматҳои Худро зикр намуда, дар ояти 3 фармуд, ки Парвардигори ин хонаро, яъне Каъбаро бишноседу итоат кунед ва Ӯро якка ва ягона ибодат кунед. Чун холиқу розиқ ва атокунандаи амну амон аст.

8. Аллоҳ дар ин сура барои сазовор ва лоиқ будан дар тавҳиди ибодату улуҳияташ, ба тавҳиди рубубият ҳуҷҷатгузорӣ мекунад.

9. Ибни Аббос разияллоҳу анҳу мефармояд: "Дар ҳар ҷои Қуръон, ки калимаи ибодат зикр шудааст, маънои Тавҳидро ифода мекунад." (Тафсири Имом Бағавӣ)

10. Амри Аллоҳ бар ибодат, амр ба яктопарастӣ ва наҳй аз ширк дар ибодатро низ маънидод мекунад. Яъне амри илоҳӣ дар ибодат, на танҳо иҷрои ҳамон ибодатро дар бар мегирад, балки зиддият ва нафйи ширкро низ маънидод мекунад.

11. Ин сура дар умури зер далел мешавад:

- Далел аст, ки Аллоҳ таъоло қабилаи Расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро зикр кардааст .

- Далел аст, ки реҳлат ва сафар кардан дар рӯи замин, яке аз неъматҳои илоҳист, чун Аллоҳ таъоло ба сафар кардан, миннатгузорӣ кардааст.

- Далел аст, ки зимистону тобистон аз ҷумлаи неъматҳои Аллоҳ ба шумор меравand.

- Далел аст, ки донистан ва баҷо овардани тавҳиди ибодат, сабаби серӣ, фаровонӣ ва тинҷиву амонӣ дар рӯи замин мешавад, хусусан барои шахси муваҳҳид.

## Сураи Моъун (нафъи андак)

(107-умин сура, маккӣ ва дорои 7 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يُكَذِّبُ بِٱلدِّينِ ﴿١﴾ فَذَٰلِكَ ٱلَّذِى يَدُعُّ ٱلْيَتِيمَ ﴿٢﴾ وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿٣﴾ فَوَيْلٌ
لِّلْمُصَلِّينَ ﴿٤﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ عَن صَلَاتِهِمْ سَاهُونَ ﴿٥﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ يُرَآءُونَ ﴿٦﴾ وَيَمْنَعُونَ ٱلْمَاعُونَ ﴿٧﴾

**"Оё дидӣ он касеро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешуморад? Пас ин ҳамон касест, ки ятимро бо иҳонат (дуруштӣ) меронад ва мардумро ба таъом додани мискин тарғиб намекунад. Пас вой бар он намозгузорон! Он гуна намозгузороне, ки аз намозҳои худ дар ғафлатанд, онҳое, ки (дар амалҳояшон) риё мекунанд ва нафъи андакро манъ мекунанд."**

*Иршодоти сура:*

1. Дар шакли ҷумлаи саволӣ пурсиш кардани ин оят, барои ба шавқ овардан ва дар ҳолати тааҷҷуб гузоштани хонанда аст. Инчунин хитоб аст ба мардум барои шиносонидани чунин ашхос.

2. Раҳм кардан ба ятимон ва фақирон дар таълимоти Ислом, яке аз бузургтарин сифатҳои хуб шуморида мешаванд.

3. Гӯшзад ва ҳазари илоҳӣ аз 6-сифоти инсонҳои бадкор ва ваъдаи азоби сахт бар онон дар охират:

- Инсонҳое, ки неъматҳои Парвардигорро нодида мегиранд.

- Инсонҳое, ки қиёмат, ҳисобу китоб, ҷаннату дӯзах ва дигар хабарҳои илоҳиро дар бораи охират дурӯғ мешуморанд.

- Инсонҳое, ки на худашон ба камбағалон ва муҳтоҷон ёрӣ ва таъом медиҳанд ва на дигаронро ба ин амалҳо тарғиб мекунанд.

- Инсонҳое, ки ятимонро кумак намекунанд, балки бо суханҳои сахту дурушт онҳоро хор медоранд.

- Инсонҳое, ки намозҳои худро дар вақташ нахонда, сустӣ мекунанд ва агар намоз хонанд ҳам, на барои ризои Аллоҳ, балки бо риё, яъне ба хотири дидан ё сухани мардум мехонанд.

- Инсонҳое, ки асбоби оддии рӯзгорро ба ҳамсоягон барои истифодаи муваққатӣ намедиҳанд.

4. Дар ояти 4 калимаи "вайл" (вой) барои ифодаи ҳолати бад, азоби сахт, дуъои бад ва ҳалокат истифода шудааст. Мувофиқи ин ояти 4-ум, оятҳои 1 то 3 ва оятҳои 5 то 7 низ дарбаргирандаи ин ҳукманд. Яъне "вой" (азоб ва ҳалокат) ба ҳоли шахсоне, ки рӯзи қиёматро дурӯғ мешуморанд, ба ятимону муҳтоҷон дуруштӣ мекунанд, ба онҳо ёрӣ намедиҳанд ва ҳатто дигаронро ба дастгирӣ ва ёрии ятимон ва муҳтоҷон тарғиб намекунанд. Инчунин вой бар ҳоли намозгузорони ғофилу саҳлангор. Якбор тасаввур кунем, ки агар шахсони намозгузоре, ки дар намозҳояшон беаҳамиятӣ мекунанд, ба азоби "вайл" гирифтор шаванд, пас аҳволи шахсоне, ки худро мусулмон мешуморанд ва намоз намегузоранд, чӣ мешуда бошад?

5. Моъун чизи андакро гӯянд, мисли каланд, бел, табар, ресмону сӯзан ва монанди инҳо. Ҳамсоя ё бародаре чизе аз инҳоро ба орият (истифодаи муваққатӣ) пурсад, онҳоро бояд розӣ кард, то аз ҷумлаи ин гуна ашхоси манъкунандаи "моъун" нагардем. Инчунин ин оят барои инсонҳои бахиле, ки чизҳои андакро ба орият намедиҳанд, ҳушдор аст.

6. Хулоса шахсе худро мусулмон донад, вале ба Аллоҳ ихлосе надошта бошад ва ба халқи Ӯ ёрдаму ҳамдардӣ накунад, мусулмонии ӯ ҷуз як мусалмонии лафзӣ, дигар маъное надорад. Намози ӯ аз ҳақиқат дур буда, риёву бадахлоқии ӯ одати мардуми бадбахт аст, ки бар қонуни илоҳӣ ва рӯзи ҷазо боварӣ надоранд.

7. Риё яке аз гуноҳони кабира буда, аз ҷумлаи амалҳои бади қалбист ва ботилкунандаи амали хуб мебошад.

8. Масъалаи саҳви намоз 2-навъ мебошад:

- саҳв дар дохили намоз, ин ҳамон бо нуқс хондани он ва ё зиёд дучори шак ва васвос шудан дар дохили намоз аст ва ин амри табиист. Инсон дар ин ҳолат маъзур, яъне узрдор аст.

- саҳву саҳлангорӣ кардан аз риояи вақти намоз ё онро бо ваҷҳи дуруст адо накардан. Ин навъи дуввум хеле бад буда ва дар шариъат манъ карда шуда, ҳамчун сифоти мунофиқон ҳисобида мешавад.

## Сураи Кавсар

(108-умин сура, маккӣ ва дорои 3 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

إِنَّآ أَعۡطَيۡنَٰكَ ٱلۡكَوۡثَرَ ﴿١﴾ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ﴿٢﴾ إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ ٱلۡأَبۡتَرُ ﴿٣﴾

**"[Эй Паёмбар] Ба ростӣ, ки Мо ба ту хайри бениҳоят ато кардем. Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ кун. Албатта, бадбини ту [аз ҳамаи хайроту баракот бебаҳра ва] бурида аст."**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура аз фазлу марҳамати Парвардигор ва аз хайри касир, яъне неъматҳои бузурге, ки Аллоҳ таъоло барои Халили худ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар дунё ва охират ато кардааст, сухан мекунад.

2. Аллоҳи бузург Расули худ саллаллоҳу алайҳи ва салламро даъват мекунад, ки барои шукрона ва ризои Парвардигори худ холис намоз хонад ва дар роҳи ризои Ӯ таъоло низ холисона қурбонӣ кунад.

3. Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд: ***"Кавсар - наҳрест дар ҷаннат, ки Парвардигор онро барои ман ато фармудааст ва дар он хайри бисёрест. Умммати ман аз он дар рӯзи қиёмат сероб гардонида мешаванд ва адади зарфҳои он ба адади ситорагон баробар аст. Баъзе умматонам аз он оби Кавсар маҳрум мешаванд, пас мегӯям: "Парвардигоро, инҳо аз умматони мананд, чаро аз оби Кавсар маҳруманд?" Баъд ба ман гуфта мешавад: "Албатта, ту намедонӣ, ки инҳо навовариҳо ва бидъатҳоро дар роҳи ту анҷом доданд." Пас мегӯям: "Дурашон кунед - дурашон кунед, шахсеро, ки баъди ман бидъат кардааст.""*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 6583)

4. Дар ин ҳадис хабар аст, ки аҳли бидъат аз ин ҳавзи муборак маҳруманд ва ин ҳавз танҳо барои Аҳли Суннат аст.

5. Бузургтарин ибодати баданӣ ва руҳӣ ин намоз аст ва дар ибодати молӣ бошад, қурбонӣ кардан аҳамияти хосе дорад. Аз ҳамин ҷиҳат Аллоҳ амр кард, ки барои Парвардигори худ холис намозро хонда ва барои ризои Ӯ қурбонӣ кунед.

6. Бадбинии Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам 2-навъ аст:

- Бад дидани шахсияташ.

- Бад дидани роҳу равиш ва суннаташ.

7. Ишора ба ин аст, ки касе пайрави суннат бошад, номаш зинда мемонад гарчи мурда бошад, чун ӯ ба як роҳу равиши пурбаракат ва пояндадор чанг задааст. Аммо касе, ки аҳли бидъату бидъаткор бошад, ӯ мурдаву бебаракат аст, гарчи зинда ҳам бошад.

8. Ин сура дар чандин масоил далел мешавад, аз ҷумла:

- Далел бар ин ки Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ҳам зотан ва ҳам феълан шахси бобаракат будааст.

- Далел бар ин ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам дар назди Аллоҳ ҷойгоҳи махсус дорад.

- Далел бар ин ки намоз ва қурбонӣ яке аз ибодатҳои бузурги илоҳӣ ба шумор мераванд. Зеро Аллоҳ дар ин замина амри хос карда ва бо услуби таъкидӣ фармудааст.

- Далел бар ин ки банда бояд аз боби шукр ва ризогӣ, ба Аллоҳ таъоло таслим шавад, чун Аллоҳ ӯро аз беҳтарин уммат қарор додааст.

- Далел бар ин ки пайравӣ аз Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, баракат ва сабаби наҷот дар дунё ва охиратро дорад.

- Далел бар ин ки бидъат ва хилофи суннати Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бебаракатист ва сабаби маҳрум шудан аз хайрҳои бисёрро дорад.

## Сураи Кофирун

(109-умин сура, маккӣ ва дорои 6 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿١﴾ لَآ أَعْبُدُ مَا تَعْبُدُونَ ﴿٢﴾ وَلَآ أَنتُمْ عَٰبِدُونَ مَآ أَعْبُدُ ﴿٣﴾ وَلَآ أَنَا۠ عَابِدٌ مَّا عَبَدتُّمْ ﴿٤﴾ وَلَآ أَنتُمْ عَٰبِدُونَ مَآ أَعْبُدُ ﴿٥﴾ لَكُمْ دِينُكُمْ وَلِىَ دِينِ ﴿٦﴾

**"Бигӯ: "Эй кофирон! Он чизеро, ки шумо мепарастед, ман намепарастам. Ва на шумо мепарастед он Зотеро, ки ман мепарастам. Ва на ман парастиш хоҳам кард он чӣ шумо мепарастед. Ва на шумо парастиш хоҳед кард Зотеро, ки ман мепарастам. Шуморост дини шумо ва морост дини ман.""**

*Иршодоти сура:*

1. Хитоб ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, хитоб ба умматонаш аст.

2. Хабари илоҳист бар фарқи ибодати ҳақ ва ибодати ботил, яъне Аллоҳи ҳақро, ки ман мепарастам воҳиду бешарик аст, Ӯ Парвардигори оламиён аст. Шумо бошад маъбуди маро намепарастед, балки буту санамҳои аз сангу чӯб ва аз падарону солиҳонатон сохтаи худро мепарастед. Байни ибодати Раҳмон ва ибодати хаёлӣ ва ғайриҳақиқӣ фарқи калон аст.

3. Мақсад аз ояти 3-юм нафй ва инкори кайфияти ибодати онҳост, яъне агар шумо Аллоҳро ибодат карданӣ шавед ҳам, онро бевосита ибодат намекунед. Байни Аллоҳ ва худатон чизеро мисли мурдагон ё солеҳон ё бутҳои аз санг ва чӯб сохташударо восита мекунед. Аз бутҳо талаб

мекунед, ки хоҳиши шуморо ба Аллоҳ расонанд ва аз Аллоҳ барои шумо неъмат талаб кунанд. Чунин ибодат назди Парвардигор мақбул нест ва ман аз чунин ибодати мушрикона безорам. Ман Аллоҳро бевосита ибодат ва парастиш мекунам.

4. Пас вақто, ки дини ширку бутпарастӣ барои шумо бошад, дини Тавҳиду Аллоҳпарастӣ ва Ислому имону эҳсон барои ман аст. Ман Аллоҳи Раҳмонро ибодат мекунам, шумо бошед санаму бутҳоро мепарастед.

5. Мазмуни ин сура ба ибодати Парвардигори воҳиду қаҳҳор ниҳоят далолати қатъӣ мекунад.

6. Ин сура исбот ва бартарии тавҳиди ибодат ва безорӣ аз ҳар намуди ширку мушрикро мекунад, чун ҷудокунанда байни ибодати ҳақ ва ибодати ширкист.

7. Мақсад аз сура 2-амр аст:

- эълони ботил будани дини мушрикон.

- ноумед кардани кофирон аз мувофиқа кардани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар дини онҳо.

Пас аз донистани ин амрҳо маълум мешавад, ки ояти ахир, яъне **"Шуморост дини шумо ва мpo ст дини ман"**, эълони хабари безорӣ аз ҳама адён ғайр аз дини Ислом аст, на талаби ихтиёр ё иқрори дини онҳо. Зеро дар ин оят хабар баъд аз амр омадааст.

8. Яке аз номҳои сура дар суннат ба номи Ихлос низ зикр шудааст, чун дар ин сура дастур ба ихлоси ибодат ва амри дурӣ аз ширк омадааст.

9. Ин сура дар чандин масоил далел мешавад, аз ҷумла:

- Далел бар ин ки Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар масъалаҳои тавҳид ва яктопарастӣ ҳеҷ кӯтоҳӣ ва хотирбиние намекарданд, яъне ба хотири касе ё чизе аҳкоми илоҳиро паси сар намекарданд ва пайравӣ дар ин боб аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ҳатмӣ ва зарурист.

- Далел бар ин ки Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам тамоми василаҳои бидъат ва ширкро рад мекард, хусусан дар боби ибодати Аллоҳ тамоми василаро рад карда ва безории худро эълом мекард.

- Далел бар ин ки ибодат бояд бар асоси дастуроти шариъат бино шавад, на бар асоси пайравӣ аз аҷдодон ва гузаштагон. Зеро пайравӣ аз падарон ва аҷдодон метавонад шахсро ба бидъатҳо ва амалҳои ширкиву куфрӣ бирасонад.

- Далел бар ин ки банда бояд Аллоҳро якка ва ягона бидонад ва бар асоси ин Аллоҳро ибодат кунад.

- Далел бар ин ки банда бояд аз ширку куфр ва бидъатҳо комилан дурӣ кунад ва ҳамчунин безории худро эълом кунад.

## Сураи Наср (пирӯзӣ)

(110-умин сура, маданӣ ва дорои 3 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

إِذَا جَآءَ نَصۡرُ ٱللَّهِ وَٱلۡفَتۡحُ ﴿١﴾ وَرَأَيۡتَ ٱلنَّاسَ يَدۡخُلُونَ فِي دِينِ ٱللَّهِ أَفۡوَاجٗا ﴿٢﴾ فَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ وَٱسۡتَغۡفِرۡهُۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابَۢا ﴿٣﴾

**"Ҳар вақто, ки нусрати Парвардигор ва фатҳу пирӯзӣ биёяд ва бубинӣ мардумро, ки дар дини Аллоҳ гурӯҳ-гурӯҳ дароянд. Пас Парвардигори худро ҳамроҳии ҳамд ба покӣ ёд кун ва аз Ӯ омурзиш хоҳ, албатта Ӯ бисёр тавбапазир аст."**

*Иршодоти сура:*

1. Дар ин сура фатҳи Макка, азиз гардидани мусулмонон, бо ҳамин фатҳ паҳн шудани нури Ислом дар дунё, бурида шудани дарахту шохаҳои ширк ва дохил шудани мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Ислом баён гардидааст.

2. Хабари фатҳи Макка пеш аз вуқӯъаш байни мардум паҳн буд. Ин ҳамчун зоҳиртарин далел ба рост ва ҳақ будани нубуввати Пайғамбар алайҳи афзалуссалоту вассалом аст.

3. Дар ин сура чандин башорат аст аз ҷумла:

- Бардавом будани нусрати дини Ислом, чунки соҳибаш Носир, Қавӣ ва Қадир аст.

- Нусрати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар душманонаш.

- Фатҳи Макка.

- Гурӯҳ-гурӯҳ қабул кардани мардум Исломро.

- Аллоҳ таъоло барои бандагони тавбакунандааш тавбапазир аст.

4. Ишора бар ин ки амрҳои фозила, яъне амрҳои муҳим ва бартар дар шариъат ба истиғфор тамом мешаванд, монанди намозу ҳаҷ ва амсоли инҳо. Бар асоси ин ишораҳо, чунин натиҷагирӣ метавон кард, ки ин сура, баёнгари хатми ҳаёт ва хатми рисолати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.

5. Ишора бар ин аст, ки инсон ҳангоми расидан ба файзу футӯҳоти Аллоҳ таъоло бояд ***"Субҳоналлоҳ"*** гӯяд, ҳангоми соҳиби неъматҳои Ӯ таъоло гаштан ***"Алҳамдулиллоҳ"*** гӯяд ва барои рафъи кӯтоҳии худ бояд ***“Астағфируллоҳ”*** гӯяд.

6. Тасбиҳ, таҳмид ва истиғфор сабаби пирӯзӣ ва наҷот ёфтан дар ҳаёти банда мебошанд.

- Тасбиҳ - калимаи Субҳоналлоҳ аст ва маънояш *"ба покӣ ёд кардани Аллоҳ аз ҳар айбу нуқс"* мебошад.

- Таҳмид - калимаи Алҳамдулиллоҳ буда ва маънояш *"ба камоли хубӣ ёд кардани Аллоҳ аз рӯи муҳаббату бузургӣ"* мебошад.

- Истиғфор - калимаи Астағфируллоҳ буда ва маънояш *"аз Аллоҳ талаби гузашт, бахшиш ва пӯшонидани гуноҳ"* мебошад

7. Исботи номи "**ат-Таввоб"** (бениҳоят тавбапазир) барои Аллоҳ. Ин ном ду амрро дар бар мегирад. Аввал ин ки Аллоҳ муваффақ мегардонад бандаро ба тавба кардан ва дуввум ин ки Аллоҳ тавбаро аз он банда мепазирад.

8. Фиқҳи ибодат ва амал кардан ба номи **"ат-Таввоб"**.

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки **"ат-Таввоб"** яке аз номҳои зебои Аллоҳ таъоло аст.

2. Исботи сифати **"ат-Тавба"** барои Аллоҳ ва ин сифот аз ҷумлаи сифоти феълии Аллоҳ таъолост, яъне касеро, ки бихоҳад мебахшад.

3. Маъно ва далолати номи **"ат-Таввоб"**. Ӯ зотест, ки ба касе хоҳад бозгаштан ва тавба карданро насиб мегардонад ва аз бандагонаш тавбаро мепазирад ва гуноҳояшонро мебахшад. Инчунин Ӯ таъоло зотест, ки бандагони тавбакунандаро дӯст медорад.

Ин ном дар Қуръон 11-маротиба омадааст.

4. Дуъо кардан ба ин номи Аллоҳ, чун амри илоҳист.

5. Амал кардан ва ба ин ном мавсуф кардани худ. Зеро аз ҷумлаи номҳоест, ки Аллоҳ дӯст медорад ин амал ва ин сифати зеборо дар бандааш бубинад.

Аз осор ва амал кардан ба ин номи Аллоҳ:

- Муҳаббат ва дӯсдоштани Аллоҳ таъоло, чун Ӯ таъолост, ки бандаро тавфиқи тавба кардан насиб мегардонад ва боз тавбаашро қабул мекунад.

- Аз Ӯ таъоло ягона тавба кардан ва талаби бахшиш аз гуноҳон намудан, зеро фармудаи Ӯ таъолост:

**وَهُوَ ٱلَّذِي يَقۡبَلُ ٱلتَّوۡبَةَ عَنۡ عِبَادِهِۦ وَيَعۡفُواْ عَنِ ٱلسَّيِّـَٔاتِ وَيَعۡلَمُ مَا تَفۡعَلُونَ**

**"Ӯст, ки тавбаи бандагонашро мепазирад ва аз бадиҳо дармегузарад ва он чи мекунед, медонад."** (Шуро, 25)

- Дар тамоми ҳолати зиндагӣ аз Аллоҳ таъоло шарм ва ҳаё кардан, хусусан дар ҳолати гуноҳ ва нофармонӣ. Чун тамоми неъматҳои Парвардигорро истифода мекунем, аммо боз нофармонияшро анҷом медиҳем.

- Дар тамоми гуноҳон воҷиб донистани тавба, чун амри илоҳист, аз воҷиботи имондорист ва сабаби саъодатмандиву наҷот аст.

Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

**وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ...**

**"... Ва эй мӯъминон, ҳамагӣ ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба кунед, бошад ки растагор гардед."** (Нур, 31)

- Шитоб ва кӯшиши тавба кардан баъди анҷоми ҳар як гуноҳ ва ё камбудӣ.

- Ба даргоҳи илоҳӣ зиёд тавба кардан, чун Аллоҳ тавбакунандагон ва касоне, ки мехоҳанд худро аз гуноҳ пок кунанд, дӯст медорад.

Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

**إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلۡمُتَطَهِّرِينَ..**

"... Ба ростӣ, ки Аллоҳ таъоло тавбакунандагонро дӯст медорад ва покизагонро низ дӯст медорад." (Бақара, 222)

**Сураи Масад (ресмон)**

(111-умин сура, маккӣ ва дорои 5 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

تَبَّتْ يَدَآ أَبِى لَهَبٍ وَتَبَّ ﴿١﴾ مَآ أَغْنَىٰ عَنْهُ مَالُهُۥ وَمَا كَسَبَ ﴿٢﴾ سَيَصْلَىٰ نَارًا ذَاتَ لَهَبٍ ﴿٣﴾ وَٱمْرَأَتُهُۥ حَمَّالَةَ ٱلْحَطَبِ ﴿٤﴾ فِى جِيدِهَا حَبْلٌ مِّن مَّسَدٍۭ ﴿٥﴾

**"Ҳалок бод ҳар ду дасти Абулаҳаб ва ҳалок шуд. Он чи бар сараш омад, на молаш ва на касбу авлодаш ӯро суд бахшиданд. Зуд аст, ки ба оташи шӯълавар дарояд ва зани ӯ низ ба ин оташ дароянд, ки бардорандаи ҳезум буд. Дар гарданаш ресмонест аз лифи хурмо."**

*Иршодоти сура:*

1. Сураи Масадро сураи "ал-Лаҳаб" ё сураи "Таббат" низ меноманд.

2. Хабари Аллоҳ ва пешгӯии Ӯ таъоло аз ҳалоки Абулаҳаб ва аз душмании ӯ бо Аллоҳ ва Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам. Абулаҳаб бар замми оне, ки амакии Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд, яке аз сахттарин душманони Расулуллоҳ ба ҳисоб рафта ва тамоми фаъолияташро бар зидди даъвати Ислом равона сохта буд.

3. Хабари илоҳӣ аз амалҳои баде, ки душманон дар ҳаққи Расулаш раво дида буданд, ҳамчун таҳдид буда ва дохил шудани душманонро хусусан Абулаҳаб ва ҳамсарашро дар охират дар оташи алангадори ҷаҳаннам, тасдиқ кардааст. Инчунин ин таҳдид барои касонест, ки ба роҳу равиши Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам монеъ мешаванд.

4. Хабари илоҳист, ки ҳеҷ чиз инсонро аз азоб наҷот дода наметавонад, на мол, на авлод, на иззат ва на насабият, балки танҳо имон, тақво ва пайравӣ аз Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сабаби наҷотанд.

5. Сабаби нузули сураро Ибни Аббос Аллоҳ аз ӯ розӣ бошад, чунин ривоят мекунад, ки **"Вақте, ки ояти "Хешони наздикатро аз Ислом огоҳ кун.""** (Шуъаро, 214) нозил шуд, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам болои кӯҳи Сафо баромаданд ва нидо карданд: ***"Ё Бани Фиҳр, ё Бани Адӣ...!"*** Хулоса, ҳар як қабиларо алоҳида нидо мекарданд. Пас ҳамаи қабилаи Қурайш ва амакаш Абулаҳаб низ ҷамъ омаданд ва ба ӯ гуфтанд: "Чӣ мехоҳӣ?" Гуфт: ***"Агар ман хабар диҳам, ки дар фалон водӣ аскарони саворае барои ғорати шумо омадаанд, оё шумо сухани маро тасдиқ мекунед?"*** Он ҷамоа ҳамагӣ гуфтанд: "Оре, зеро, ки мо аз ту ҳеҷ гоҳ дурӯғеро мушоҳида накардаем." Пас ин оятро Расулуллоҳ тиловат карданд: **"...ман танҳо тарсдиҳанда ва бимдиҳандаам барои шумо аз азоби Аллоҳ."** Пас Абулаҳаб гуфт: "Марг бар ту! Магар барои ҳамин моро ҷамъ кардӣ?" Абулаҳаб дар ҳангоми сухан гуфтан дастонашро сахт ҳаракат медод." (Саҳеҳи Бухорӣ, 4973)

6. Ин сура дар умури зер далил мешавад:

- Далел бар ин ки дӯзах халқ шудааст ва дар ҳоли ҳозир вуҷуд дорад, чун Аллоҳ таъоло аз дохил шудани душманони роҳи Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба дӯзах хабар додааст.

- Далел аст бар ин ки хилофи роҳи Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳалокат ва бадбахтист ва дар шариъат ҷазои ҳар шахс мувофиқи гуноҳаш сурат мегирад.

## Сураи Ихлос

(112-умин сура, маккӣ ва дорои 4 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿١﴾ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٢﴾ لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ﴿٣﴾ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ﴿٤﴾

**"Бигӯ, Ӯ маъбуди ягона аст. Аллоҳи бениёз аст. На зод касеро ва на аз касе зода шуд. Ва ҳеҷ касе бар Ӯ ҳамто намебошад."**

*Иршодоти сура:*

1. Ин сура аз сифатҳои Аллоҳи ягона хабар медиҳад ва онро сураи Тавҳид низ меноманд. Аллоҳ ба ҳеҷ махлуқ муҳтоҷ нест ва аз ғайри худ ғанист, баръакс ҳама ба Ӯ таъоло муҳтоҷанд, Ӯро мислу монанд набуд, нест ва нахоҳад буд. Сифатҳои Худованд комилу бардавоманд ва Ӯ таъоло аз сифатҳои ноқис, поку муназзаҳ аст. Ин сура ҳамчунин баёнгари исботи камоли сифоти илоҳӣ дар зот, дар номҳо ва дар вуҷудаш аст.

2. Ин сура фаҳмишу эътиқоди мушриконро рад мекунад, зеро онҳо барои Аллоҳ наслу авлодро ҷоиз медонанд. Сабаби нузули ин сура ин аст, ки баъзе аз мушрикон назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфтанд: "Сифати Парвардигори хешро бар мо баён кун." Дар он ҳангом ин сура нозил шуд. (Саҳеҳи Тирмизӣ, 3364)

3. Расули Акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба саҳобагон гуфтаанд: ***"Оё касе аз шумо қодираст, ки сеяки Қуръонро дар як шаб бихонад?" Саҳобагон гуфтанд: "Кадоме аз моён қуввати анҷоми инро дорад?" Расулаллоҳ гуфтанд: "Сураи Ихлос, албатта он баробари сеяк***

***ҳиссаи Қуръон аст."*** (Саҳеҳи Муслим, 811) Зеро Қуръон ба се қисм тақсим шудааст, ки инҳо тавҳид, қисса ва аҳкоми шариъат мебошанд.

4. Амри Аллоҳи яктост, ки ба радди мушрикон бигӯ, ки Парвардигоре, ки ман Ӯро ибодат мекунам, дар зот, дар сифот ва дар амалҳои худ воҳид аст. Ӯ бешарик, беназир ва бемонанд аст ва инчунин ҳеҷ махлуқ ба зоти Ӯ таъоло монандӣ надорад. На мисли эътиқоди мушриконаи шумо, ки якчанд ададро Илоҳ мегӯед, на мисли эътиқоди насоро, ки Аллоҳро ба падару писар ва Руҳулқудс ҷудо кардаанд. Аллоҳи ман ягона аст ва Ӯро дуе нест, Ӯ воҳид аст ва Ӯро шарике нест ва Ӯ воҳид аст ва тақсиму тарҳ намешавад.

5. Самад гуфта, зотеро гӯянд, ки дигар болои Ӯ ҳеҷ кас ва ҳеҷ махлуқ бузург ва фармонраво набошад. Ҳама халоиқ барои ҳоҷатҳои худ ва иҷро намудани корҳояшон ба Ӯ таъоло муҳтоҷанд. Аз сифати самадии Аллоҳи таъоло ақидаи он ҷоҳилон низ рад мешавад, ки ғайри Ӯ таъоло дигареро дар олам соҳибихтиёр медонанд.

6. Дар ояти 3 рад аст ба қавми яҳудиён, ки ҳазрати Узайр Пайғамбарро писари Аллоҳ мегӯянд, рад аст ба қавли насоро, ки ҳазрати Исои Масеҳро писари Аллоҳ мегӯянд ва рад аст бар қавли мушрикон, ки фариштагонро духтарони Худо мегӯянд. Инчунин рад аст ба тамоми қавлҳое, ки касеро ба фарзандии Аллоҳ нисбат медиҳанд ё Ӯ зоти покро зодаи касе меҳисобанд. Аллоҳ таъоло азалӣ ва абадист.

7. Хабари илоҳист, ки барои Аллоҳ таъоло касе ва ё чизе на дар зот ва на дар сифатҳо мисл, назир, монанд, баробар ва мушобеҳ нест, зеро Ӯ таъоло якка ва ягонаст. Парвардигор ва молики ҳамаи чизҳо ва холиқу розиқи кулли зиндаҳост.

8. Исботи тақсими тавҳиди сегона: ***Тавҳиди улуҳият ва ибодат, тавҳиди рубубият ва тавҳиди асмо ва сифот.***

9. Исботи 3 номи илоҳӣ: **"Аллоҳ"** (маъбуди якто), **"ал-Воҳид"** (яккаву ягона) ва **"ас-Самад"** (бениёзи ҳоҷатбарор)

10. Фиқҳи ибодат кардан ба 2-номи Аллоҳ:

**"Ал-Аҳад"** ва **"ас-Самад"**.

1. **"Ал-Аҳад"**.

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки **"ал-Аҳад"** яке аз номҳои илоҳист.

2. Исботи сифати **"ал-Аҳадия"** аз ин ном, ки яке аз сифатҳои зотии Аллоҳ таъоло мебошад.

3. Фаҳми маъно ва далолати ин ном: Ӯ касест, ки дар тамоми камолиёташ ягона аст ва касе Ӯро дар ягонагияш шарик нест. Чизе ба Ӯ монанд нест ва ин ном ягона буданашро ҳатмӣ гардонида ва ҳамчунин якка ва ягона буданашро низ дар ибодат воҷиб мегардонад. Ӯ шарике надорад, яктоест, ки ҳамеша ягона аст ва касе на дар зоташ, на дар сифатҳояш, на дар амалҳояш, на дар парвардигорӣ ва на дар илоҳиёташ ҳамроҳи Ӯ намебошад. Ӯст, ки ба ягонагияш шоистаи ибодат кардан мебошад.

Ин ном якбор дар Қуръон омадааст.

4. Дуъо ва васила ҷустан ба ин ном.

5. Амал ва ибодат кардан ба ин номи зебо, аз ҷумла:

- Якка ва ягона донистани Аллоҳ дар зоту сифоташ, дар Парвардигорияш ва дар ибодаташ.

- Умеду шавқу рағбат ба сӯи Ӯ таъоло, чун якка ва ягона аст.

- Якка ва ягона қарор додани Ӯ таъоло дар шариъатгузорӣ ва дар пазириши ҳукм, зеро зотест якка ва ягона дар ҳукмаш.

2. **"Ас-Самад"**

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ном.

2. Исботи сифати **"ас-Самадия"** аз ин ном, ки яке аз сифатҳои зотии Аллоҳ мебошад.

3. Фаҳми маъно ва далолати ин ном: Зоте, ки сарварии комил аз они Ӯст ва Ӯро махлуқоташ барои иҷрои ҳоҷатҳояшон мехонанд. Дар ҳама ҳолатҳо ва хусусан ҳар вақто, ки мардум ба мушкилот ва душвориҳо гирифтор мешаванд, ба сӯи Ӯ рӯй меоранд. Ба Ӯ таъоло дилҳо аз рӯи шавқу рағбат ва тарсу ҳарос майл мекунанд. Сайидест, ки сарварияш комил аст ва Ӯ касест, ки тамоми махлуқот ҳоҷатҳояшонро ба хотири азаматаш ва муҳтоҷияшон аз Ӯ талаб мекунанд. Ӯ касест, ки таъом медиҳад, аммо худ ба таъом эҳтиёҷ надорад.

Ин ном якбор дар Қуръон омадааст.

4. Дуъо ва васила ҷустан ба ин ном.

5. Амал ва ибодат кардан ба ин ном ё фоидаҳое, ки банда аз ин ном дар ҳаёташ мегирад, монанди:

- Муҳаббату дӯсдоштани Ӯ таъоло, чун зотест ҳоҷатбарор, атокунанда ва бениёз.

- Якка ва ягона қарор додани Ӯ таъоло дар таваккул ва умедворӣ.

- Азамат ва бузург доштани Ӯ таъоло дар ҳамду сано ва дар тамоми неъматҳояш.

- Истифодаи сабабҳое, ки бандаро ба неъматҳои илоҳӣ мерасонанд.

## Сураи Фалақ (субҳ)

(113-умин сура, маккӣ ва дорои 5 оят)

بِسْمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلْفَلَقِ ﴿١﴾ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ﴿٢﴾ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ﴿٣﴾ وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِى ٱلْعُقَدِ ﴿٤﴾ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ﴿٥﴾

**"Бигӯ: "Паноҳ мебарам ба Парвардигори субҳ, аз бадии тамомиончи, ки Парвардигор халқ кардааст. Ва аз бадии шаб, ҳар вақто, ки торик шавад. Ва аз бадии занони нафасзананда (ҷодугар) дар гиреҳҳо. Ва аз бадии ҳасудон, ҳар вақто, ки ҳасад баранд.""**

*Иршодоти сура:*

1. Амри Аллоҳ таъоло барои ҳифзи нафси инсон аз бадиҳо, ки ҳифзи нафс дар шариъат фарз аст ва яке аз 5 мақсадҳо ва заруриётест, ки шариъат дар асл ба хотири ҳифзи онҳо нозил шудааст. Ин мақсадҳо ва заруриёти панҷгонаро ҳифзи дин, ҳифзи нафс, ҳифзи ақл, ҳифзи насл ва ҳифзи мол шомил мешаванд.

2. "Тулӯъи субҳ" ҳам ишорат аст ва ҳам башорат. Инсон набояд дар мушкилоти худ дилшикаста шавад, балки доимо дар дуъо ва дар паноҳ ҷустан аз Парвардигор бошад, зеро мерасад вақте, ки Аллоҳ таъоло ба ӯ кушоиш ато фармояд.

3. Фармони Аллоҳ таъоло бар бандагон аст, ки аз бадӣ ва шарри зиёни шаб, яъне ҳар вақто, ки торикӣ ба дунё ҳукмфармо шавад, аз Парвардигор паноҳ талаб кунанд. Зеро ҳангоме, ки торикӣ дунёро фаро мегирад, махлуқоти зараррасон мисли даррандагон, хазандагон, ҷинҳо

ва дузду ғоратгарон дар ҳаракат мешаванд, ки банда дар ин ҳолатҳо дар ҳазар аст. Дар ин ҳолатҳо бояд танҳо аз Аллоҳ кумак талаб кард, на аз ғайри Ӯ, чун паноҳ ҷустан навъе аз ибодатҳои қалбист.

4. Анвоъи ҳасад дуто ҳастанд:

- бад дидани расидани неъмат ба касе.

- таманнои рафтани неъмат аз касе.

Ҳамчунин ҳасад бадтарин сифатҳои инсон аст, зеро бухлу туғёнро ба миён меорад. Инсон набояд ҳасад барад, балки аз Аллоҳ талаб кунад, ки мисли неъматҳое, ки Аллоҳ ба бандае додааст, бар ӯ низ ато кунад.

5. Баёни хатари ҳасад, чун аввалин бадкориҳои ҳаёти олам низ аз ҳасад сар шудааст. Ба ёд оред қиссаи Ҳобилу Қобилро ё ҳазрати Одаму шайтони лаъинро. Шайтон бар Одам алайҳиссалом ҳасад кард, рондаи даргоҳи илоҳӣ шуд. Аз ин рӯ, аз ин кирдори бад, ки бар сари инсон оқибатҳои нохуш меорад, ба куллӣ даст кашидан лозим аст. Ҳасад бурда, "оҳу-воҳ" кашидан нодуруст аст, балки ба ҷойи ин "Мошо-Аллоҳ" бояд гуфт, ки дар ин ҳолат чашми инсон ба касе ё чизе таъсир намекунад.

6. Баён намудани сабабҳое, ки инсонро аз бадии махлуқот дар амон мемонанд:

- Холисона ба номҳои Аллоҳ дуъо кардан.

- Таваккал ба Аллоҳи қодир кардан.

- Дар пеш гирифтани сабабҳои шаръӣ ва дунявӣ.

7. Дар ин сура Аллоҳ ҳимояи худашро барои мардуме, ки ба сӯи Ӯ паноҳ мебаранд, эълон доштааст. Ҳимояи Ӯ ҳамеша бехавфӣ, осудагӣ ва оромиро таъмин менамояд.

8. Аллоҳ таъоло паноҳ бурданро аз бадии кулли соҳирону ҳасадхӯрандагон ва инчунин аз кулли бадиҳое, ки дар олам арзи вуҷуд доранд, баён сохтааст.

9. Амри Аллоҳ таъолост, ки ба Ӯ паноҳ барем аз шарри ҳамаи махлуқот, хусусан аз зарардиҳандатарини онҳо, мисли сеҳру ҷоду, ҳасад, чашм ва ғайра.

10. Ишора ба сӯи қудрати илоҳист, яъне Зоте, ки бо дур кардани зулумоти сахт қодир аст, ҳатман дар дур кардани хавфу хатар аз касоне, ки аз Ӯ паноҳ меҷӯянд, низ қодир аст. Аз байни ҳамаи махлуқот хос гардонидани субҳ аз тарафи Парвардигор, яъне бо нидои **«Парвардигори субҳ»** барои он аст, ки одатан баъд аз торикии сахт равшании субҳ меояд. Инҷо ишоратест ба омадани хурсандиҳо баъди кашидани ғаму андӯҳ, омадани оромӣ баъди хавфу хатар ва интизории дуру дароз ва ғайра.

## Сураи Нос (мардум)

(114-умин сура, маккӣ ва дорои 6 оят)

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ﴿١﴾ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ﴿٢﴾ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ﴿٣﴾ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ ﴿٤﴾ ٱلَّذِى يُوَسۡوِسُ فِى صُدُورِ ٱلنَّاسِ ﴿٥﴾ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ﴿٦﴾

**"Бигӯ: "Паноҳ мебарам ба Парвардигори мардум, ба подшоҳи мардум, ба маъбуди мардум аз шарри васвасакунандаи пасраванда. Он ки дар дилҳои мардум васваса меафканад. Хоҳ аз ҷинси ҷин бошад ё аз ҷинси инсон."**

*Иршодоти сура:*

1. Зикри калимаи "Малики-нос" барои радди онҳоест, ки гумон мекунанд подшоҳони дар ин дунё болои сари онҳо буда, ба ҳама кор қодиранд. Аллоҳ хабар медиҳад, ки болои ҳамаи инсонҳо ва подшоҳон, подшоҳест ягона, азалӣ ва абадӣ. Ин подшоҳони дунё ҳама подшоҳони ноқису заифанд, бинобар ин лоиқи парастиш нестанд. Сазовори парастиш он зотест, ки худро дар ин оят “Илоҳин нос” гуфтааст.

2. Аз мазмуни сура маълум мегардад, ки инсон новобаста аз оне, ки дар кадом табақаи ҷамъият қарор дорад, яъне ӯ фарди оддӣ аст ё подшоҳи замон, бандаи Ӯ таъоло буда ва ибодатро бояд хос барои Аллоҳ таъоло анҷом диҳад. Агар мардуме, ки ғайри Аллоҳи ягона дигар чизҳоро мепарастанд, бояд донанд, ки ба тақозои мазмуни ояти номбурда, амалҳои онҳо ботилу бесавоб аст.

3. Оятҳои 1 то 3, ки Аллоҳ таъоло ба онҳо васф шудааст, нишондиҳандаи онанд, ки инсон мехоҳад паноҳгоҳе аз бадиҳо ва зарарасонандаҳо пайдо кунад. Аммо инсон бояд аввалан ҳадди ақал Аллоҳро ба ин се сифати номбурда дар се ояти аввал шиносад, Ӯро маъбуди ҳақиқии хеш қарор диҳад ва худро аз ширк дур кунад. Баъдан аз бадиҳои асосие, ки дар оятҳои баъдӣ ном бурда шудаанд, ба Ӯ таъоло паноҳ бубарад. Чун амри Аллоҳ ба ибодат далолат бар 4-амр мекунад:

- маърифат ва шинохти чигуна анҷом додани ибодат, яъне шариъат.

- маърифати маъбуд, яъне Аллоҳ таъоло.

- маърифати расонандаи ибодат, яъне Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

- маърифати зидди амршуда, яъне навоқиз ва ботилкунандаи ибодат, монанди ширк, бидъат ва хурофот.

4. Исботи тавҳиди сегона, яъне тавҳиди Рубубият Улуҳият ва Асмову сифот.

5. Иршоди илоҳӣ барои дуъо кардан ба номҳои зебояш ва ҳамчунин исботи ин 3-ном барои зоти худ.

- **Ар-Раб** (Парвардигори якто).

- **Ал-Малик** (Подшоҳи мутлақ).

- **Ал-Илоҳ** (Маъбуди барҳақ).

6. Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам таъкид карда, гуфтаанд, ки ***"Қул аъузу бираббил фалақ" ва "Қул аъузу бираббин нос" беҳтарин сураҳои Қуръонанд, дар боби дуъохонӣ (руқя) ва паноҳ бурдан ба Аллоҳ аз бадиҳо."*** (Саҳеҳи Муслим, 814)

7. Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам пеш аз хоб рафтан се сураи муборакро, яъне сураҳои Фалақ, Нос ва Ихлосро seборӣ хонда, бар ду кафи худ медамиданд ва ба тамоми баданашон мемолиданд. (Саҳеҳи Бухорӣ, 5017).

8. Ин сура паноҳ гирифтану паноҳ бурданро ба Парвардигор аз шарри душманон, мисли Иблису ёрдамчиҳои ӯ таълим медиҳад. Иблис ҳам аз насли инсонӣ ва ҳам аз насли ҷин кумаккунандаҳо дорад, ки байни мардум васваса ва иғво меандозанд.

9. Хабари илоҳӣ бар ин ки Ӯ таъоло подшоҳу ҳокими мутлақи мардум буда, ҳукми Ӯ ҳамаи мардумро мувофиқи мартабаву дараҷаашон насиб аст.

10. Хабари илоҳӣ бар ин ки Ӯ таъоло маъбуди ҳақиқӣ ва асосии ҳамаи мардум буда, ғайри Ӯ дигар маъбуде нест, ки барҳақ ва лоиқи парастиш бошад.

11. Ин сура дар тавҳиди сегона далелу ҳуҷҷат мешавад.

Амрҳои Аллоҳ таъоло хеле зиёданд, аммо Тавҳид бузургтарин амрест, ки Аллоҳ ба он таъкиди бештар кардааст. Зеро Тавҳид асли пайдоиш ва хилқати инсонҳоро ба таври муфассал баён мекунад.

Тавҳид дар шариъат 2-маъно дорад:

1. Ягона қарор додани Аллоҳ таъоло дар ҳаққҳояш.

Яъне Аллоҳ болои бандаҳояш ҳаққҳои зиёд дорад, мисли шинохти Аллоҳ, ибодати Аллоҳ, гумони нек ба Аллоҳ, аз ҳама чиз ва аз ҳама кас беҳтар ва бештар дӯст доштани Аллоҳ ва ғайра. Ин ва амсоли ин ҳаққҳои илоҳиро бояд инсоният ягона қарор бидиҳад.

2. Ягона қарор додани Аллоҳ таъоло дар ибодатҳояш. Яъне ҳама намудҳои ибодатҳо, ки ба онҳо инсоният амр шудааст, бояд хос барои Аллоҳ анҷом дода шаванд. Ҳамчунин бояд касе дар ибодатҳо ба Аллоҳи таъоло шарик қарор дода нашавад.

Барои возеҳ ва равшантар шудан, дар шариъат ҳаққи Аллоҳ бар бандагонашро низ ба ду навъ ҷудо мекунанд.

1. Ҳаққи Аллоҳ дар шинохту исбот ва қасди Ӯ таъоло.

Албатта шинохти Аллоҳ дар асоси шиносой ва исботи номҳо ва сифатҳои Ӯ сурат мегирад. Дар асоси шинохт ва исботи номҳо ва сифатҳо, баъдан метавон қасд ё мақсади Аллоҳро иҷро кард.

2. Ҳаққи Аллоҳ барои иҷрои ирода ва талаби Ӯ.

Яъне иҷрои амрҳое, ки Аллоҳ аз мо мехоҳад, ки инро иродаи илоҳӣ гӯянд ва амалӣ намудани амрҳое, ки Аллоҳ аз мо талаб кардааст. Гарчанде хости Аллоҳ ҳамон талаб аст, аммо фарқият дорад, ки бо мисолҳои зерин метавон тафовути ин дуро беҳтар ҷудо кард.

Масалан:

Иродаи илоҳӣ аз хилқати инсонҳо - Якка ва ягона ибодат кардани Аллоҳ.

Талаби Аллоҳ аз инсонҳо - Якка ва ягона Ӯро ибодат кардан.

Иродаи илоҳӣ аз хилқати осмону замин - истифодаи башарият аз онҳо, яъне ҳар чизе, ки дар дунё ҳаст, барои истифодаи инсоният мебошад.

Талаби Аллоҳ аз инсонҳо баъд аз хилқати осмону замин - тибқи муқаррароти шариъат дар дунё зиндагӣ кардан.

Аз ин ду ҳаққи Аллоҳ, ягонагии Ӯ дар се чиз ба вуҷуд меояд.

1. Тавҳиди рубубият: Якка ва ягона қарор додани Аллоҳ дар зоту сифот ва дар корҳояш.

2. Тавҳиди Улуҳият: Якка ва ягона қарор додани Аллоҳ дар тамоми ибодатҳо.

3. Тавҳиди асмо ва сифот: Якка ва ягона қарор додани Аллоҳ дар номҳои зебо ва дар сифатҳои камолаш.

## Хулоса

Баъд аз натиҷагирии мухтасар аз ин китоб, метавон гуфт, ки дар ин китоб фоидаҳои сураҳо ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд. Аввалин амр, ки дар шариъат бар тавҳид ва яктопарастист, бахши асосии ин китобро дар бар мегирад. Ваҳдонияти Аллоҳро иқрор кардан, аз амркардаҳояш итоат кардан ва аз наҳйкардаҳояш дурӣ ҷустан, ки мояи хушбахтӣ ва мақсади зиндагист, дар ин китоб ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд.

Инчунин баъд аз хатми иршодоти сураҳо, амрҳое низ зикр шудаанд, ки сураҳои мазкур бар онҳо далел мешаванд.

Ҳамаи ин суханҳои зикршуда, дар ин китоб ба таври мухтасар ҷамъоварӣ шуда, инчунин ном ва сифатҳои Аллоҳ ва мақсади нузули Паёмбарони илоҳӣ, яке аз бахшҳои ин китобро дар бар мегиранд.

Ба таври кӯтоҳ ва фишурда аз иршодоти сураҳои кӯтоҳ, метавон бо зикри чандин нуктаҳои муҳим, мухтасаран китобро чунин натиҷагирӣ кард:

1. Амри Аллоҳ бар мӯъминон ба тадаббуру тафаккур ва панду насиҳат гирифтан аз ин китоби муборак.

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

2. Аллоҳи бузург сарзаниш мекунад мӯъминонро, ки чаро аз ин Қуръон панду насиҳат намегиранд.

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلۡقُرۡءَانَ أَمۡ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقۡفَالُهَآ

**"Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд ё бар дилҳояшон қуфлҳои ғафлат ниҳода шудааст?"** (Муҳаммад, 24)

3. Бар олимону донишмандон баён кардан ва таълим додани ончи дар Қуръон аст, фарз мебошад.

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ

**"Ва ҳангоме, ки Аллоҳ таъоло аз касоне, ки китоби осмонӣ ба онон дода шуда буд, паймон гирифт, ки: "Ҳатман, онро барои мардум баён намоед ва китмонаш накунед...""** (Оли Имрон, 187)

4. Дар ҳақиқат ин китоби муборакест, ки дар он тамоми чиз ва хусусан асосҳои илмӣ ба тарзи куллӣ ва ҷузъӣ зикр шудаанд ва инчунин як баракати хосе дорад барои инсоне, ки ба он аҳамият медиҳад.

وَنَزَّلۡنَا عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ تِبۡيَٰنٗا لِّكُلِّ شَيۡءٖ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٗ وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ

**"Ва Мо ин Қуръонро бар ту нозил кардаем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусулмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст."** (Наҳл, 89)

5. Китобест, ки касе ба он чанг занад ва пайравӣ кунад, ҳеҷ вақт на гумроҳ шаваду на бадбахт.

فَإِمَّا يَأۡتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدٗى فَمَنِ ٱتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشۡقَىٰ

**"(Фармуд) Агар аз ҷониби ман раҳнамуде бароятон расид, бидонед ҳар, ки аз ҳидоятам пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на ба ранҷу сахтӣ меафтад."** (Тоҳо, 123)

Ва ҳамчунин фармудааст:

وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٞ فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ

**"Ва ин Қуръонро, ки нозил кардаем, китоби пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва бар он парвову андеша намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред."** (Анъом, 155)

6. Дар шариъат амр ба хондани Қуръон шудааст ва он барои пайравонаш шафоъаткунанда аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин замина фармудаанд:

**...اقْرَؤُوا الْقُرْآنَ فإنَّه يَأْتِي يَومَ القِيامَةِ شَفِيعًا لأَصْحابِهِ،**

***"Қуронро бихонед, албатта он дар рӯзи қиёмат шафоъаткунандаи пайравонаш аст.*** (Саҳеҳи Муслим, 8040)

Дар охир онеро гуфтаниям, ки Аллоҳи базургам мефармояд:

**وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأُولَىٰ وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلۡحُكۡمُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ**

**"Ва Ӯ Аллоҳ таъолост, ки ҳеҷ маъбуде барҳақ ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукму фармонравоӣ низ аз они Ӯст ва ҳамагӣ ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед."** (Қасас, 70)

Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.

## Манбаъҳо


1. Қуръони карим
2. Қуръон тадаббур ва амал / Ҷамъе аз уламо
3. Мухтасар фи тафсири Қуръони карим / Ҷамъе аз олимон
4. Тайсир каримур Раҳмон / Абдураҳмон Носир Сиъдӣ
5. Тафсири Осонбаён / Абуаломуддин
6. Тафсири Ибни Касир
7. Тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ / Орифӣ
8. Шарҳи тафсири Фотиҳа ва Қисори Сувар / Солиҳ бин Абдулоҳ Ал-Усаймӣ